## ЛИТВА

### Юстинас МАРСИНКЯВИЧУС

Юстинас Марсинкявичус шоири намоёни муосир, барандаи ҷоизаҳои давлатии СССР ва Ҷумҳурии Литва аст. Равнақи назми ҳамосӣ ва намоишноманависии миллии диёраш бо номи ӯ вобастагӣ дорад.

Шоир 10 марти соли 1930 дар деҳаи Важаткемиси ноҳияи ҳозираи Пренай дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1954 бахши таърих ва забону адабиёти миллии Донишгоҳи давлатии Вилнюсро хатм карда, қисматашро абадан бо сухан пайваст.

Як сол пас аз хатми донишгоҳ китоби аввалини ашъори Юстинас Марсинкявичус бо номи «Сухан мепурсам» ба табъ расида, ҳаводорони назмро ба шоири расои дардошное умедвор кард. Баъдан китобҳои зиёдаш адибро маҳбуби хонандагони диёраш ва кишварҳои наздику дури дунё гардонд.

Юстинас Марсинкявичус асосан тавассути достонҳои дилрасаш машҳур аст. Нахустин достони ӯ «Баҳори бистум», ки соли 1956 эҷод шудааст, сазовори Ҷоизаи давлатии кишвараш гашта буд. Достонҳои «Донелайтис», «Миндаугас» ва «Калисо» хонандаро ба гузаштаи дури Литва бурда, пайванди ногусастании қисматҳои халқи ин диёри кӯчак ва кулли инсонияти тараққихоҳро бозгӯ мекунанд. Достонҳои «Девор» ва «Хуну хокистар» ҳукмномаи қатъиест бар ҷанг ва ҷангҷӯёни ҳамаи замону маконҳо.

Барои достони драмавии «Миндаугас» соли 1969 ба шоир бори дуюм Ҷоизаи давлатии Литва дода шуд.

Фаъолияти адабии Юстинас Марсинкявичус бо ҳамин маҳдуд намешавад. Ба қалами ӯ китобҳои зиёди назму наср мансубанд, ки барои ҷавонон ва кӯдакону наврасон эҷод кардааст. Тарҷумаи намунаҳои осори Пушкин, Есенин, Митскевич ва бисёр дигар адибони халқҳои гуногун ба забони литвонӣ низ ба ин шоири сермаҳсули пухтакор тааллуқ дорад.

Бо вуҷуди он ки Юстинас Марсинкявичус аз оғози фаъолияти адабиаш бештар ба эҷоди осори вусъатноки ҳамосӣ майл дорад, пайваста ашъори ғаноӣ ҳам зиёд гуфтааст. Ин гуна ашъори ӯ саршори самимияти шоирона, нотакрории эҳсос ва муҳаббати бекарон аст ба оламу одам.

Тавассути ин бахш достони «Девор» ва як силсила шеърҳои ғаноии Юстинас Марсинкявичус манзуратон мешавад. Умедворем, ки ин ҳама дар қабулгоҳи хотиратон қарор мегирад ва самимияту ҳашамати сухани шоири номӣ, қатъи назар аз коҳишҳои ногузире ҳини тарҷума, бароятон пӯшида намемонад.

### ДЕВОР

(достон)

Ба ёди Модарам

**I**

Аз қафои хонаи пире,
Рӯ ба Девор,
Рӯ ба Девори пур аз чину пур аз ожанг,
Деворе, ки беравзан бувад –
яъне, ки аъмо,

Вақт собит истода,
Абадият пушт бар Девор дода.

Раҳнамои рӯшани пурпечутобе –
Нусхаи барқи шабонгаҳ
Ҳамчунон як тири бепар
Одамиро мекунад таъқибу меронад
Ба сӯи тирагӣ, бар сӯи ваҳшат, -
То ки ӯро бозгардонад ақиб
Чандин ҳазорон соли дигар.

**Гурезгоҳ**

Тир пурдаҳшат фиғон дорад:
Нест чизеву набуда,
Бозгард, эй одамизода, ба асри
ғорҳои хеш, -
Ин замон мебояд аз нав,
Аз сари нав
Кашф бинмоӣ тамоми чизҳоро –
Ҳам табар,
Ҳам хатти мехӣ,
Ҳам Худоро.

Андар ин барҷастагии тираи Девор
Ту тасвир бинмо
Тарси худро
Ҳамчу Дарранда
Ва ё акнун баро
Бар ҷанги ӯ,
Бинмой мағлубаш.

Барқ пурдаҳшат фиғон дорад,
Дар бараш ҳарфи сафеде лек
Эй бас ором
Ҳарфи неке бар забон дорад:
Ин макон аз минаҳо холист.

Лек бар ин ҳарф
Сахт душвор аст имон оваридан.
Ончунон ин ҳарф пок асту наҳиф
Монанди тифле, к-ин замон
Садчашму бодиққат ба девор,
Гӯиё бар тахтаи синфаш, нигаҳ дорад.
Баъд ӯ наздик меояд
Ва бо нӯги каҷи
як кухнамехи зангхӯрда
Ё ки бо як пораи хишт,
Ё ки бо як пораи оташгулӯла
Мекашад бар рӯи девор
Аввалин ҳарфи саводашро.

Ҳарфи аввал сабт шуд –
Оғоз шуд шаҳроҳ.

Эй шумо, Суқроту Нютонҳо,
Евклиду Лобачевскийҳо,
Он ҳама хатти каҷу хатти мувозитон,
Кунҷҳои росту норост,
Ҳар муаммои бузурги
ақли оламгиратон
Нест оё
Ҳосили ҷаҳди ҳароси хешро куштан
Ба шакли динозавре, ки надида
кас варо,
Ҷумла валекин хуб медонанд:
Он дар даҳр мавҷуд аст…

Хира Девори бинои захмгин
Ҳамчуноне пардаи фартути экран
Солҳое
Зиндагии одамиро
Мекунад тасвир бо ҳар ранг.

Мо гаҳе вомондаи хешем,
Гаҳ вомондаи тақдир,
Гаҳ дар панҷаи тақдир бетадбир,
Лек аз ин Девор чашми хешро
ҳаргиз намегирем,
То ки асрори варо хонем,
Дарди бисёри варо донем.

**II**

Шуд чунин –
Он рӯз аз мактаб
Дер омад Эйнштейни хурдакак.
Халтаи пур аз китобаш чун кутубаш
Канда буду пора-пора
(Шоҳиди дастугиребонии имрӯза).
Аз ин рӯ,
Ӯ басо таъхир мекард
Хаставу саргум
Пеши он Девори шум.
Нимрӯзӣ буд баҳри ӯ мувофиқ
(Ҳеҷ кас азбас намедодаш халал!):
Бӯрро аз ҷайби худ берун намуда
(Рӯзи дигар, ҷайби худро чаппа карда,
мекунад собит ба устодаш,
ки ӯ бӯре набурда),
Рӯи Девор инчунин бинвишт:
$(а+в)^2$

**III**

Лек ин оғози дастон аст.
Баъд аз он
Дар интиҳои шаб
Дастҳои ноаёне,
Чок карда ҳар куҷо Деворро,
Панҷгӯша ахтареро сабт карданд.
Панҷгӯша ахтар аз он рӯз
Маркази таърих шуд
Ҳам маркази Девор.

Тирҳое пушти ҳам чолок
Мегузаштанд аз сари Девор,
Ҳамчунон аз сафҳаи таърих –
Марде меафтод вазнин
Бар замин,
Ноаён аз хок
То афлок
Бурда боло
Панҷгӯша ахтари Деворро.

Мо гаҳе вомондаи хешем,
Гаҳ вомондаи тақдир,
Гаҳ дар панҷаи тақдир бетадбир,
Лек аз ин Девор чашми хешро
ҳаргиз намегирем,
То ки асрори варо хонем,
Бо тани худ то варо аз тир пӯшонем.

**IV**

Баъд даври ишқи сӯзон шуд, -
Як дили тири муҳаббатхӯрдае
Бар сари девор
Чун хуршед болову фурӯзон шуд.

Баъд аз он ҳар шомгаҳ ду сояи ошиқ
Пеши он Девор меҷустанд
чобук ҳамдигарро, -
Дар сукути шомгоҳон,
Лолу хомӯш
То саҳар дар экрани сангии Девор
По ниҳода ҳар тараф беҷуръатона;
Ҷону дилҳо аз ҳаё лабрез,
Синаҳо - аз ваҳм оташхез,
Ки намебинанд андар кулли дунё
Ғайри худро.

Лек дунё
Хастаҳолона ва беҷониб
Ҷониби онон назар мекард
Чун тамошобин ба сӯи экрани кино.

Бори чандум ӯ ҳамебинад
Ҳамин дерин киноро.

Боз чанде беғам аз толор
берун мебарояд.
Чанд ишкамсер беғам меравад
бар хоби роҳат.

Чанд хоболудаи дигар
Дамодам мекашад хамёза бепарво -
Воқиф аст ӯ аз ҳама савдо.

Мо гаҳе вомондаи хешем,
Гаҳ вомондаи тақдир,
Гаҳ дар панҷаи тақдир бетадбир,
Лек аз ин Девор чашми хешро
Ҳаргиз намегирем,
То ки асрори варо хонем,
Дарди бисёри варо донем.

Духтар аввал кард эҳсос:
Боз ҳам чизе ҳамебояд,
Ки дар изҳори он
Ҳарфе ба кор ин ҷо намеояд.

Ва гар
Он кор н-ояд бар амал,
Ҳар чиз, к-андар экрани Девор
Собит ҳаст нотакрор,
Беҳуда-ст,
Оҷиз аз баёни ҳоли дилҳои
таболуда-ст.
Ва духтар изтироболуд
Ҷисми нозукашро кард омода
Ба кори сангиву сода…

Лаҳзаҳо бигзашт,
Ногоҳе ҷавон пурсид:
«Ишқи дилро чун кунем акнун?
(То кунун онон аз ин боб
Ҳеҷ гаҳ ҳарфе намегуфтанд.)
Ишқи дилро чун кунем акнун?
Сахт бинмоемаш андар гӯшае хилват
Ба тарсу ларз пинҳон,
Ё аламсон
Рӯи ин Девор соземаш парафшон?»

Дер гоҳ андеша кард ӯ,
Пас чунин афзуд:
«Ростӣ, ман худ надонам,
Байрақи ишқи ману ту

Дар кадом андозаеву рангу шакле
метавонад буд…»

Духтарак ҳам
Ин муамморо намедонист.
Аҷоиб –
Аз азал нохад то имрӯз
номакшуф монда
Рангу шакли байрақи Ишқ?

Боз чандин лаҳза бигзашту ҷавон,
Худро раҳо бинмуда
аз андешаҳои бекарон,
Бори дигар пурсид:
«Ишқи худро чун кунем акнун?
Шояд имдоде биҷӯем аз фалакҳо –
Ишқи худро
Бар тамоми мурғакон тақсим бинмоем,
Чунки ман ҳоло намедонам,
ки мо танҳо
Метавонем ӯҳда бинмоем
Ишқи поки худро?..»

Пештар аз субҳи содиқ мурғакон
гардида бедор,
Пар кушоданд аз ҳама сӯ сӯи Девор.
Лек, ҳайфо…

Олам андар хоб буд, олам намедид
Он шаби бемислу натакрорро,
Он бузургафсонаеро,
Ки фақат рух медиҳад як бор,
Бе такрор
Дар дунё.

**V**

Рӯз.
Рӯзи нав,
Намуда такя бар Девор,
Боз мебахшид гармӣ куҳнахишташро.
Карда ин сон такя бар Девор кампире,
Гарм мекард
Сардгашта
аз дами шаб тахтапушташро.

Дидаи камнури худро нимпӯшида,
Пиразан мебофт, мебофт.
Пеши пои ӯ калоба хештанро
Гирди худ метофт, метофт.

Дуртар аз пиразан,

Андар аробача
Хоби хуш медид,
Лаб лесида, як бача.
Пиразанро буд дар хотир,
Замоне,
К-ӯ ҷавону нозанине буд,
Боре
Дида буд ин сон аробача,
Чархаконаш пурдурахшу
дилнишине буд.

Риштаи сурхи калоба
Пеши пои пиразан кӯтоҳтар мешуд.

Аз дигар сӯ
Қад-қади Девори беравзан
Сояи торик мехобид.

Андар он ҷо ҷо набуду нест
баҳри офтоб.

Андар он ҷо
Буд як тасвири ҳайвони бузург, -
Шояд Динозавр.

Андар он тасвир як бача ба сӯяш
тир меандохт.

**VI**

Пиразан,
Дидаҳояш нимроғ,
Бо ҷадал мебофту мебофт.
Зиндагонии дарозе дида буд ӯ,
Ҳеҷ чиз ӯро дигар ҳайрон намекард.
Ғайр аз ин,
Нимаво бинмуда чашмашро, ҳамедид
Бештар аз диданиҳо,
Бештар, лекин…
Ба кас з-ин боб ӯ ҳарфе намегуфт.

Пиразан
Аз ин муқаддам хуб медонист,
Ки инро чи маъноест,
З–ин сабаб, омода буд ӯ,
созад истиқбол
Бесухан, хомӯш чизеро,
Ки буду ҳаст
(Оре, ҳаст),
Ҳам хоҳад буд
Андар он суи Девор.

Ў намедонист
«Динозавр» чист,
Лек андешидаву сарфаҳм мерафт ў,
Ки чист он, -
Андар он сўи ҳамин Девор
Тасвираш бузург аз ҷумла ҳайвон аст,
Он ҳама тасвирҳо
Дар пушти ин тасвир пинҳон аст.

Бо камонаш баччаяк онро
ҳадаф мекард,
Бешу кам бар куштани сайди худ
имон дошт.

Динозавре ҳам набуд он шояд, аммо
Аҳли ҳавлӣ ҷумла бо он
Баччаҳоро сахт метарсонд.

**VII**

Пиразан мушкил басо бар ёд меовард:
Як замоне,
К-ў тамоман хурдакак буд,
Бас калон – ин ҳавлии хурд;
Он замоне, ки варо кокулчаҳои чухт
Ҳамчуноне мавҷгир
Аз рози дунё бохабар мекард,

Баччае
Бар ҳоли кўдакҳои
ин ҳавлӣ ҳамехандид,
К-онон
Аз ҳамон тасвири ҳайвоне,
ки бар Девор нақш аст,
Бештар аз тасмаи ҷаҳли падарҳо
дар ҳаросанд.

Кўдакон хомўш буданд –
Гуфта буд он бачча, охир, рости гапро.
Лек ин ҳолат
Ба кўдакҳо намефорид,
Сахт ғаш мекард дилҳошон.
Ин хиҷолат ончунон буд,
Духтарак тоқат накард,
Муштаконашро гиреҳ бинмуда,
Сар то по ҷасорат шуд
Ва по бар сўи он Девор бинҳод.

Тарс,
К-аз ў эй басо пурзўртар буд,
Ҳам бузург аз ў ҳазорон бор,

Шуд зи паҳлӯяш равон,
Баъд аз пушташ равон шуд,
Тарс
Пеши ҷуръати ӯ гашт попечу фитод.
Бояд аз болои ӯ бигзашт,
Варна бар ӯ пешпо мехӯрд.

Баччаяк хандид бар ҳолаш:
- Бинед, ӯ аз тарс мегиряд!

Бинед, ӯ
Ҳозир ба пеши очаҷонаш мегурезад!..
Лек ӯ
Мерафту мерафт.
Худ намедонад кунун ҳам
Чун тавонист он замон
Он гуна рафтан.
Лек беист он замон мерафту мерафт.

Он, ки ӯ
Сӯяш ҳамерафт,
Дам ба дам наздиктар мешуд
В-ин замон гӯё
На духтар сӯи Девор,
Балки он ҳайвони даҳшатбор,
Берун гашта аз Девор,
Ба ӯ наздиктар мешуд.

Лек духтар боз ҳам мерафт,
Ҷумла медиданд рӯшан:
Ӯ ҳамоно пеш мерафт.

Духтарак охир бари Девор омад,
Шуд чунон
Наздик бар ҳайвон,
Ки сардии нафасҳои варо
Дар ҷисми худ ҳис кард.

Лек ин ҳайвон
Аз он тасвири Девор
Буд чандин бор даҳшатноктар,
Буд аз даҳшат калонтар.
З-ин сабаб духтар
Зи худ ҳам бештар
Медид ӯро.

Ӯ намедонад,
Ки кай ин саҳна охир шуд.
Буд чуноне бардавом,
К-ӯ худ ба худ гуфт:
«Он нахоҳад шуд тамом.»

Он, ки аксаш буд бар Девор,
Аз ин ҳам бештар мехост аз ӯ чизе,
Аз ин ҳам бештар…
Ӯ ба ёд овард:
Шояд
Пеши ӯ ин лаҳза бар зону задан бояд?

Ӯ ҳанӯз он вақт медонист,
Ки пеши бузургон
Ҳар ки бояд
Саҷда бинмояд.

Шояд ӯ ҳам ҳамчунон мекард,
Лекин дил варо месӯхт,
Беҳад боазобу бесадо месӯхт
Бар он роҳи тӯлонӣ,
Ки ӯ тай кард,
Тарси хештанро пушти сар карда.

Лек он тасвири Девор -
Сокини танҳои торикӣ
Ҳамоно даст аз ӯ барнамедошт,
Беш аз ин мехост чизе,
Беш аз ин…

Духтарак,
Чашмони худро карда он гаҳ нимпӯш,
Муштаконашро гиреҳ карда,
Бар он ҳайвон забонашро нишон дод.
Боре дар умраш ақаллан
Бояд одам
Тарси худро сӯз бидҳад.

Он замон ӯ майдаяк буд,
Коре ҳам ҷуз ин намеомад зи дасташ,
З-ин сабаб,
Бо чашмҳои нимпӯш,
Мунтазир буд ӯ аз он тасвир
даҳшатнок чизеро…
Ҷазоро?

Лек чизе рух надод,
Оне, ки бар Девор буд,
Ноаён ӯро раҳо бинмуд.
Духтарак ҳис кард инро зуд -
Во бинмуд чашмонро
Ва аз он тирагӣ хомӯш по бардошт,
Сӯи рӯшани ҳавлӣ қадам бигзошт.

Оре, оре,
Ҷумларо дар ёд монда:
Бозгашт ӯ,

Бегазанде бозгашт ӯ,
Пуртавонтар бозгашт ӯ,
Чанд сол аз хештан аммо
калонтар бозгашт ӯ.

**VIII**

Дар ҳақиқат,
Чанд сол аз худ калонтар бозгашт ӯ,
Чунки бар ӯ тифлакон
Бо эҳтиром
Раҳ мекушоданд
В-аз пасаш,
То ки тавони роҳ рафтан дошт,
Чашм аз ӯ намеканданд.

Баъд,
Чун ҳис кард,
Ки дигар ба по истоданаш
осон набошад,
Такя бар Девор бинмуд
В-ин ҷаҳони бас калон
Аз бекарон то бекарон
Бар китфи ӯ афтид зуд,
Рехт бар ин ҳавлии хурд
(Оре, акнун
Ҳавлии пешина пеши чашми ӯ бас
хурд метобид)
Ин ҷаҳону ваъдаи дунё бар ӯ дод,
Ваъдаи дунё
Бар ӯ танҳо,
Ки ӯ дигар калон буд,
Ки варо дигар
Ҳуқуқи интихоб аз ин ҷаҳон буд.

Кӯдакон хомӯш буданд,
Қудрати фаҳм аз куҷо буд кӯдаконро,
Ки дар ин ҳавлии мискин,
Пеши ин Девор
Зан омад ба дунё.
Кӯдаконро
Зӯри ин фаҳмиш набуд ҳоло.

Ин аҷобатро худи ӯ ҳам
намефаҳмид он вақт,
Танҳо эҳсоси ҳамин будаш,
Ки андар дил варо
Чизе бузург аз акси он Девор
шуд пайдо.

Ӯ намедонист чун бошад:
Ё мутеона бар он чизи бузург

орад итоат,
Ё варо ронад зи тинат.

Ӯ намедонист ҳоло,
К-одамӣ, аслан, фақат як бор
хоҳад гашт пирӯз
Андар ин дунё.

**IX**

Пиразан бо чашмҳои нимво
дар пои Девор
Бесадо мебофту мебофт,
Пеши пояш
Риштаи сурхи калоба дам ба дам
Мегашт кам, мегашт кам, мегашт кам.

Лек ӯ
Анҷоми корашро намедонист,
Чолокона мебофт,
Гарчи медонист:
Ришта оқибат анҷом меёфт.
Бофтан ӯро мисоли умр қиммат буд,
Ҳамчу дунёяш ғанимат буд.

Пилтакашҳояш дурахшон -
Гӯиё ӯ
Нурро бишкаста
Бар домони худ мемонд
Ҳамчун дастаи барқ ;
Доманашро карда пур,
Гӯё кунун аз ҷои худ мехесту
оташ гиронда,
Хӯрдании хушхӯре мепухт,
Рӯи ҳавлӣ
Дарзамон пур мешуд
Аз бӯи гулу себаргаи поёни боронҳо.

**X**

Пиразан бехуд табассум кард,
Ёд овард:
Он рӯз,
Ки зи дигар рӯзҳо фарқе надошт,
Танҳо ин ҳавлӣ,
(Фақат як ҳавлии онҳо)
Баногаҳ хурд шуд бисёр,
Он рӯз
(Балки он шаб)
Хоб дид ӯ
Марғзори хушнамуди бекаронеро.
Марғзореро надида ӯ ба умри хеш,
Дар хобаш аён бинмуд,

Ки он марғзор аст.
Пои луч ӯ роҳ мерафт.
Пои луч раҳ рафтан
Андар марғзораш хуб мефорид.

Аз уфуқ
Ногоҳ аспе шуд падид
(Қиргун ёлаш парешон,
Чашмҳояш нурафшон,
Бас базебу бас ҷавон),
Сум варо бо роҳ дар бозӣ,
Дар нигоҳаш
шабнами дилхоҳ дар бозӣ.
Мебаромад офтоб,
Аз уфқ мешуд
Дам ба дам наздиктар он аспи пуртоб.

(Ӯ натарсид,
Ӯ аз он аспе, ки ҳар дам сӯи ӯ
наздиктар мешуд,
Натарсид -
Асп аспи қисмати ӯ буд.)

Духтарак
Лабҳои монанди ақиқашро ба
кафҳояш расонид.
Офтоб ин дам тулӯъ мекард,
Меҳрубонӣ ин саҳар дунё ба ӯ мекард,
Даҳр бахти неки ӯро орзӯ мекард, -
Дар ҳамин ҳол ӯ бишуд бедор,
Ҳавлӣ аз анвор буд саршор,
Осмон -
Чун марғзори хоб нотакрор.

**XI**

Духтарак ҳайрон нашуд…

Оре,
Ягон зарра нашуд ҳайрон,
Чу дар мобайни ҳавлӣ
Ногаҳон он баччаро дид.
Баччаеро, ки ҳамин дина
Ба ҳоли ӯву дигарҳо ҳамехандид.

Ҳамчу пирӯзе вай имрӯз
Дастҳо дар киса
Беҳад бовиқорона ҳамеистод.
Дар наздики Дарранда,
Оре, дар пеши ҳамон Даррандае,
Ки буд тасвираш ба Девор,
Шояд он мезист дар Девор,

Ё дар пушти Девор.

Ҷаҳд кард ӯ, ки набинад баччаякро,
Ин дар аввал
Шуд варо гӯё муяссар.
Лек баъдан
(Баъд -
Имрӯзу аз он баъд)
Менашуд ӯро муяссар.
Боке чӣ, -
Гар як карат дар зиндагӣ чизе
муяссар шуд,
Зиндагонӣ ҳам чу як бор аст,
Оё метавон гуфтан,
Ки ӯро зиндагонӣ бебарор аст?

**XII**

Духтарак, он баччаро нодида,
кард эҳсос,
К-ӯ (Гӯё касеаш тела дод),
Ҷониби вай по ниҳод.
Ҳавлӣ андар чашми ӯ беҳад
бапаҳно буд
(Ончуноне дина дар чашмони духтар),
Муштҳояшро даруни кисаҳояш
То кунун афшурда медошт.

Буд рафтораш чу дирӯза,
Валекин…
Духтарак танҳо намедонист ҳоло,
Ҳамчунон дирӯзу пеш аз он -
Медиҳад бар ӯ забонашро нишон оё?

Оқибат наздикаш омад баччаяк.
Ӯ лек ҳоло ҳам намедидаш -

Кай баровард забони хештанро,
Медиҳад сӯзаш?

Хам шуда, аз роҳи сангӣ
Санги хурдеро ҷудо кардан ҳамехост.
Ростӣ, ҳаргиз набуд он санг даркораш
(Сангаки оддӣ чи даркор аст?) -
Вақт бояд бигзаронад, к-интизор аст.

Лаҳзаҳое чанд бигзаштанд,
Ногаҳ
Шуд баланд овози бачча:
- Ҳо, дар он ҷо
Одаме бепой истода,

Одаме бепо - тасаввур кун.
Метавонам ман варо бар ту
нишон бидҳам…
Кард такрор:
- Одаме бепо, -
Ва сокит шуд.

Метавонист ӯ
Ҳанӯз он баччаи шумро
ҳаме надида ангорад,
Валекин
Одами бепо
Варо бар хеш овард.

Духтарак таслим шуд -
Беихтиёре
Раҳнамои хеш кард он баччарову
аз паси ӯ
Шуд равон худ ҳам ба сӯе,
Гӯӣ, бар қасди ҳама дунё,
Бидуни гуфтугӯе.

**XIII**

Дидаи тирезаҳояшро ало бинмуда,
Қири хештанро хира рахшонида,
Истиқбол кард
он ду мусофирро ҳамоно
кӯчаи шаҳр.

Андар ин ҷо
Ҷумла ашё,
Қуттии ахлот ҳатто,
Сахт рахшон буд.

Пойпӯши марду зан
Поку дурахшон буд.

Чеҳраҳои беғаму сере
Ҳамора хандаҳо мезад
ба он ҷуфти мусофир,
Ханда - бар ҷуфте, ки урён пояшон
Аз алам
в-аз шарм
он дам дошт афғон.

Раҳгузарҳо -
Ҳамчуноне хӯсаҳои хушлибос,
Хӯсаҳои хушлибосе -

Нусхаҳои раҳгузарҳои шикамсер
Чашм сӯи пои урёни ду тан буданд.

Аз намоишгоҳи махзанҳо
Ҳазорон хел пойафзоли зебо
Пои урёни ду танро орзӯ мекард,
Бериё аз ҳоли он поҳои урён
пурсуҷӯ мекард.

**XIV**

Пойҳо, тоқат накарда,
Дав-давон гаштанд,
Ҷуз ҳамин
бас эътирозе менадонистанд,
Ку маҷоли эътирозе пои урёнро?
Кӣ шунида, ки ба пойафзоли зебо
Пои урён эътирозе карда бошад?

Духтарак аз пас давон буд,
Аз паси он бачаи шум.
Дав-давон медид, к-ӯ бисёр чолок аст.

Ӯ намедонист:
Ҷовидон дар ёд хоҳад монд ӯро
Ин давиданҳои чолоконаи поҳои урён
Дар раҳи ҳамвори сангӣ,
То бидонанд:
Андар ин дунё
Ҳаст марде
Бенасиб аз ҳарду по.

**XV**

- Бингар инро! –
Гуфт ӯро баччаяк.
Дида дӯхт ӯ зуд он сӯ,
Дергоҳ аммо намедид,
Баски ҳоло ҳам хаёлаш буд
Банди хӯсаҳои хушлибосе,
К-аз нигоҳи гарми мардум
сахт болида,
Ҳамора ханда мекарданд ҳар ҷо,
Хандаҳои беғаму беҷо.

Ин замон
Аз кӯчаи шаҳр
Дар намуди раҳгузарҳо
Вақт ҷорӣ буд тезу бехалал.
Лек ин ҷо,
Дар паси девори кунҷи кӯчаи шаҳр,
Марде

Танҳо менишаст (Ё рост меистод?) –
Он қадар хурду ҳақире,
Он қадар ҳам хандаовар,
Бо ҳама озодӣ аммо Вақт
Андар ихтиёраш буд.
Даст ёзонида буд ӯ ҷониби Вақт,
Ҳар замоне оварида бар каф онро,
Илтиҷо мекард – бозистад
Ва ё ки гашти худро сусттар созад,
Ки андар сурати…
На,
Тангаи заррин на,
Ҳатто нуқрагин ҳам на,
Бувад, дар сурати як тангаи мис,
Дода овои фиребое,
Варо бар каллапӯши куҳнаву
афсурда афтад.

### XVI

Вақт тозон буд лекин,
Марди бепоро намедид.
Ҳамчу бар ахлотқуттӣ
Аз сари марди гадо шорида,
Ҷорӣ мешуд андар кӯчаи шаҳр
Дар намуди раҳгузарҳо
В-аз қафо
Он телпак, ҳамчун даҳони холӣ,
Пурдард илтиҷо мекард.

Ин замон бепо
Ду танро дид ногоҳ.
Ришҳояш нотарошида,
Либосаш пора-пора,
Каллааш беҳад калон метофт,
Гӯё каллаи бегонаеро бар танаш
часпонда буданд.
Чашмҳояш
Ҷои ду пояш
Ба ҳар сӯ рафтуомад дошт
андар кӯчаи шаҳр,
Хашмгину оташин
ҳар сӯи он майдон давида.
Он қадар гаҳ дур мерафтанд,
Ки то ҳол
Пое норасида то ба он ҷоҳо.

Он гаҳ андар дидаи марди гадо
Ҷой мешуд кулли андӯҳу ғами дунё.

Кӯдаконро пеши худ хонд ӯ,

Ба зону монд ононро бари худ,
Гуфт, к-онон сар ба зер оранд,
Худ, бар пеш ёзонида дасташро,
Ҳаметалбид бас зору ҳақир,
Оре, на тилло, ҳам на нуқра,
Лаҳзаҳое –
Эътиборе ҷониби худ
Ҳамбаҳои мис.

Бахти ӯ аввалқадам хандид:
Афтид аз кафе як танга,
Баъдан тангаи дигар.

Пойҳои кӯдаконро хоб бурд,
Гӯӣ, онон ҳам кунун бепой буданд.

Духтарак гирён бишуд ногоҳ,
Оре, гиря мекард ӯ, ки пояш нест,
Ӯ дигар наметонад ба хона бозгардад.

Аз миёни пардаи ашк
Дид ӯ Деворро, Даррандаро ҳам дид,
К-аз Девор берун омадан мехост.

Духтарак
Ин лаҳза дар ҳавлӣ набуду ғайри ӯ
Дар ҳавлии онон касе
(Оре, касе!)
Даррандаро аз роҳ гардондан
наметонист, оваҳ…

Пойҳоро бозгардонед!

### XVII

Пиразан, чашмони пираш нимво,
Мебофту мебофт.
Аз аробача садои тифл омад.
Пиразан зуд
Модари ӯро садо бинмуд.
Буд садояш бесадоеву заифе,
Баски баҳри ин садо
Ҳавлӣ кунун беҳад калон,
Оре, кунун беҳад калон буд.

Пеш (Оре, пештар аз ин)
Садояш,
чун худи ӯ,
андар ин ҳавлӣ намегунҷид.
Ҳар замон
Ларзону печон

То само мерафт,
Гаҳ, гӯӣ, чу борон
Рӯй-рӯи бомҳо бас пурсадо мерафт,
Меафтод гаҳ
az тори ҳар дарвозае поён,
Валекин боз бармехост,
Меафтод боз он
Ҳамчу тӯби рангае
Бар роҳ –
Меафтоду бармехост.

Оре, оре, овозаш замоне
Буд пурзӯру хурӯшоне.

Садо боре
Яке печид бо овози бисёре –
Садои аҳли ҳавлиро парешон кард,
Ба ҳар сӯ, хона бар хона гурезон кард,
Пас
Дар байни ҳавлӣ
Монд танҳо,
Бо ситеза ҳар тараф тозон
Ва рақсон,
Баъд хаста, лек номағлуб,
Шуд орому бар Девор зад такя.

**XVIII**

Пиразан,
Дидаҳояш нимпӯш,
Ҳамзамон мебофту медод гӯш:
Ин замон аз сӯи бозор
Бозмегаштанд занҳо
Хашмиву маҳзуну танҳо,
Пир ҳам шояд буданд онон,
Ки бе гул бозмегаштанд.

Зан ҳар гоҳ аз бозор
Танҳо бо моводи лозимии рӯзгор
Ояд - ба дӯшаш гӯшту картошка,
Маълум, к-ӯ чандон ҷавоне нест,
Аз қисмат басо озурдаву хашмист.

Пиразанро гашта буд азёд -
Аз ҳар ошхона ин замон
Бӯи ғизое мешавад берун
Ва занҳо
Мешаванд аз бӯи он мафтун
Ва, бӯғи дегро серӣ нафас бигрифта,
Чун дар лаҳзаи мастӣ
Гуворо хоб мебинанд;
Сӯи ёдҳои хештан,

К-ин дам
Чу бӯи шӯрбо печонда ононро,
Ҳазину талх механданд.

**XIX**

Эй занон,
Эй занони бо хаёлу ёд зинда,
Бо хаёлу ёди оғози ҷаҳон,
Ҷурми аввал,
Нури ҷовид,
Низ мавҷи кафколуде,
Ки аз он Афродита
Гӯӣ аз пироҳани шабпӯш меояд бурун,
Ҷанги Троя,
Интизорӣ,
Интизории Одиссеи ҷаҳонгард,
Ки ба шаҳре дур маътал шуд,
Вале аз меҳратон
Тифли ӯ ҳам бегазанде мондаву
тиру камонаш ҳам.

Эй занон,
Эй занони бо хаёлу ёд зинда,
Саргузашти даҳр
дар ёди парешони шумост,
З-ин сабаб ҳам
Ҳар гуноҳеро ҳамебахшед осон.
Худ хаёлу ёдатон
Парпечи тифлони шумост,
Кӯраки тори ҳавост,
Ҳам кафанҳои шумост.
Худ хаёлу ёдатон
Мавҷуди дигар буда,
К-аз пириву мурдан нест бокеаш.

**XX**

Пиразанро ёд омад боз:
Ҳар гоҳ аз миёни шаҳр сӯи чорроҳа
Медавиданд ӯву он бачча
Ҷонибе, к-он ҷо саҳар то шомгаҳ
Ҳамчун даҳони бефаровез
Телпак доим садақа илтиҷо мекард;
Ҷонибе, к-он ҷо ҳаме гирдоби вақт
Андар намуди раҳгузарҳои давон
ҳар сӯй
Бо пайдоиши онон сахӣ мешуд.

Он замон
Ҳарду ҷавон буданд беҳад,

Яъне - кӯдак.
Вақт бо кӯдак
Ҳамеша илтифоте бештар дорад.

Ҳамчу Вақт он мард ҳам
Пурилтифоте буд бо онон -
Барои ин мадад ҳар рӯз
Бар кафҳои дасти шармгиншон
Тангае маҷбур мемонд.

Охир, онон кор карданд.
Нест бемузд
Коре андар ин ҷаҳон

**XXI**

Бешитобе сӯи хона бозгашта,
Харду мекарданд эҳсос
он пули ночизро
(Ночиз ҳам бошад, пул аст)
Дар дастакони хеш.
Шаҳр ононро раҳораҳ
Чун саги девонае мекард таъқиб.
Сар намедоду ҳаме нозу адо мекард,
Балки бо таҳқир сӯи ҳарду
гоҳ оғӯш во мекард,
Ононро ба оғӯшаш садо мекард,
То дилҳояшонро
Пок афшонад ба домонаш.

Раҳ ба раҳ таъқибашон мекард,
Гаҳ аз дасташон медошт.

Гӯиё тақдири ӯ вобаста буд
аз он пули ночизи ин тифлон
В-агар имшаб ба ком ӯро наояд
он ду пул,
Хобаш нахоҳад бурд,
Ё то субҳдам гушна азоби гӯр
хоҳад дид,
Ё худ аз фиғони гушнагӣ
Чашми намоишгоҳи махзанҳош
Зи сар хоҳад баромад.

Он пули ночиз
Дар дасти арақолуди тифлон
Ҳамчунон моҳӣ тапида,
Ҳар замон поён ҳамелағжид,
Оқибат он бефараҳ ангуштҳо
Дигар ба ҳам н-омад,
Ва даррав

Шаҳр онҳоро раҳо кард,
Он ду нодаркорро аз худ ҷудо кард.

**XXII**

Рӯи Девор офтоб акнун
Як қади сарнайза боло рафта буд -
Пиразан мисли дарахту сабзаҳо,
Ҳатто ба мисли сангҳо,
Ин ҳолро бо ҷисми худ ҳис менамуд.

Чашм во нанмуда, инро хуб медид.
Боз ин дам бехи гӯши ӯ
садое шуд баланд:
- Мекунам ман корду қайчиятонро тез,
Тешаву досу табар,
Даркор бошад,
Метавонам тез кардан ман
забонро низ…
Тезгар бас хуб медонист,
К-ӯ дар ин ҳавлӣ кадомин вақт
даркор аст.

**XXIII**

Андар ин ҳавлӣ ҳама ҳам
Вақти худро хуб медонист.

Оре, оре, хуб медонист
Дар ҳавлӣ ҷавону пир вақти хештанро,
Лек як чиз
Андар ин ҳавлӣ
зи вақти хештан барвақт омад,
Сабт шуд дар рӯи Девор.

Пиразан
Бо дидаи пӯшида ҳам
Меёфт он ҷоро,
Ки бас новақт
Як вақте пас аз як шаб
Бишуд пайдо дар ин Девор
Танҳосатри нотакрор:
Адомас + Марселе = Ишқ.

**XXIV**

Пиразан дар ёд дорад он саҳарро,
К-ӯ зи хона гашта берун,
Дид ин бинвиштаро
дар сафҳаи Девор хоно.

Офтоб аз хонаи худ мебаромад.

Шаб дар ин ҳавлӣ
яке борони сахте шуд
Ва ҳоло
Бӯи покӣ мерасид аз ҳар тараф,
Зиндагонӣ
Чун дили ӯ
Изтироби интизорӣ дошт гӯё.
Буд саҳар,
Тирезаҳо во буд саросар,
Ҳар куҷо
як ҷогаҳи испеди хоболуд овезон,
Ҳар яке
дар банди ёду хотироти имшаби хеш,
То кунун гарми
муҳаббатҳои пуртобу таби хеш.
Дарзамон
Девор торафте ба ӯ наздиктар мешуд.
Оқибат пешаш расида, зери лаб гуфт:
- Адомас + Марселе = Ишқ.

**XXV**

Ӯ ҳаминро интизорӣ мекашид, аммо
Дар хаёлаш ҳам намеғунҷид,
к-ин сон зуд
Мерасад он лаҳзаи масъуд.
З-ин сабаб бо шарми афзун
Ҷониби Девор биштофт,
То ки бо ҷисмаш ниҳон созад
Нахустин номаи ишқи ҷавониро,
Ниҳон созад варо
Аз дидаи тирезаҳо,
Аз он ҳама ҷохоби хоболуд
В-аз чашми ҳама буду набуд.

Лек оё метавон пинҳон намудан
Номаи ишқу муҳаббатро,
Ки дар як сафҳаи паҳнои Девор
Ин замон бар ту расида?

Низ онро кай тавонӣ пора созӣ,
Дар сари сина ва ё пинҳон намоӣ,
Гоҳ-гоҳ
Бо шавқи афзун
Бӯсааш созӣ ниҳонӣ,
Лаҳзаҳое, фориғ аз хешу зи дунё,
Гаштаву баргаштааш хониву хонӣ…

Марселе бо дастҳои боз
Синаро бигзошт бар Девор,

Ҷафс шуд бар он навишта,
Лаҳзае беёд шуд гӯё,
Дар тани поку ҷавонаш сабт бинмуд
Нусхае з-он номаи ишқи нахусташро.

Дуртар, дар сояи Девор
Як чизи махуфе сахт мехуфт,
Буд он шояд Динозавр.

Даррасид айёми ишқ.
Девор рӯшан шуд.
Бо тамоми марғзорон,
Бо тамоми ҳавзҳои хаззапӯш,
Бо дили сарсабзу пурҷӯш
Гӯиё ҳамрангу ҳамтан шуд.

**XXVI**

Шомгаҳ,
Чун ҳавлии тасфидаи сангӣ хунук шуд,
Ахтарон
Байни замину осмон
Монданд овезон
Ва рӯз охир чу як саг ҳалқа зад
дар гӯшае торик,
Боз Марселе давон омад бари Девор,
Рӯи ҳарфи Ишқ сар монд,
Даст бар дил -
Шуд ба ин ҳол интизор.
То бишуд он бачча пайдо,
Гӯиё
Умре гузашт аз сар,
Худоё.
Рӯз, ки чун саг таҳи Девор мехобид,
Паҳлӯ гашт.
Кӯдакон дар хоби ширин
ханда мекарданд.
Як зани бемор ҳар лаҳза зи нав
мешуд нафастанг.
Эй худо,
Чашми сару чашми тиреза
сахт бехобанд,
Ахтарон дар осмон имшаб
чи камёбанд.

**XXVII**

Дид ӯ, ки баччаяк омад.
Баччае, ки динаяк ӯро дар ин ҷо
масхара мекард,
Баччае, ки ҳамраҳи ӯ
Медавид аз кӯчаву паскӯчаи шаҳр.

На, набуд он бачча,
Буд Бобокалон, буд балки Одам,
Одаме, ки аз биҳишти кӯдакӣ
берахм берун шуд,
Ки ин ҳавлӣ аз ӯ гардад пури бачча
Ва бар ҳайвони дар Девор хуфта
Ғолиб ояд.

Марселе медид - торафт
Баччаяк наздиктар мешуд
Ва ҳис мекард - бояд ёриаш бинмуд.

Як тараф шуд зуд Марселе
ва холӣ кард
Аз бахри сари ӯ ними ҳарфи Ишқро,
То ки ӯ ҳам сар бимонад
рӯи он ҳарфи гуворо.
Ҷои худро ёфтанд онон дар ин дунё.

## XXVIII

Ҳарду истоданд чанде,
такя бар он ҳарф карда.
Такя бар Девори Қисмат
доштанд онон,
Ки андар сояи худ дод ҷошон.
Гӯӣ, соҳибхона гаштанд он ду тан,
Хона,
Танг ҳам бошад, аз онҳо буд,
Буд ҷиҳозаш - Ишқи онон,
Буд зебаш - ин ду мавҷуди ҷавон,
Хона,
Бо чизе, ки будаш,
Бас гуворо буд.

Ҳарду ҳам дар лаҳзаи оғоз буданд,
Ҳарду ҳам сарчашмаи эъҷоз буданд.
Духтар инро хубтар мекард эҳсос,
З-ин сабаб ҳам
Зери лаб бинмуд оғоз:
- Ман иҷозат медиҳам…
Хоҳӣ агар,
Манро бибӯс…

Баҳр, танҳо баҳр ин гуна карим аст, -
Медиҳад раҳ бар канораш,
Мефишорад дар канори беқарораш,
Мебарад то уфқ
рӯи мавҷҳои раҳсупораш…

## XXIX

Пиразан
Дар офтобак
Боз ҳам мебофту мебофт.
Офтоб,
Ҳамчун хаёлу хотироти ӯ,
Расида бар қиёмаш буд.
Ин замон Девор дигар менатонист
Ҳамчунон дар субҳгаҳ
бошад мунаввар.
Пиразан лек
Кулли ин Деворро ҳамвора медид
Ҳамчуноне сарнавишти хештан,
Аз ҷониби торики он ҳам,
Аз ҳамон сӯе, ки дар торикии он
Боз он Даррандаи пурхавф мехуфт.
Пиразан, з-ин рӯ, ҳамора мешитобид:
То ки пурнур аст, ин Деворро
Мебоядаш аз пой то сар дид.

**ХХХ**

Пиразан бисёр мехост
Андар авҷи ёдҳои хештан бошад.
З-ин сабаб андар хаёли хеш
Ӯ баромад зуд бар он ошён,
Бар макone,
Ки замоне
Ҳарду аз Девор
Ҳарфи зиндаву гарми
муҳаббатро бикӯчонданд,
Чун болишт бо сад орзӯяш
зери сар монданд.

Субҳгоҳон,
Чун бар ин Девор
Меафтод нури офтоб,
Ҷисми ҳарду, ростӣ, мешуд тилоӣ.
Ҳардуро тарсе ба дил буд он замон:
Ногаҳ мабодо гум кунанд ин сарвати
бемисли дунёӣ.

Дертар,
Дар нимаи шабҳо
Ба пеши равзани пурчангу хок
Сангҳои рӯи ҳавлӣ
Ҷамъ мегаштанд
ҳамчун раммаи барра,
Даст ёзонида,
Имкон доштӣ, ки ҳар якеро
ҳамчу пистоне
кунӣ сила,
Ҳамчу китфи нозанине гарм бинвозӣ…

Шомгоҳ
Сангҳои роҳ,
К-он гармии рӯзонро
Ба ҷисми хештан бигрифта буданд,
Бӯи нони гарм мекарданд.

Рӯ ба рӯи равзани онон,
Чун ҳаде, ки то кунун
нагзашта з-он кас,
Боз ҳам Девор меистод.
Фикрҳошону нигаҳҳошон
Бар он Девор бармехӯрд пайваста
Ва оҳиста
Қафо мегашт.
Ростӣ,
Худ он набуд Девор,
Даҳшат буд.

Боре ӯ дар хоб бишнид,
(Оре, бо гӯши худаш бишнид),
Ки Дарранда меғуррид,
Беҳад сахт меғуррид
Дар он тирагии пушти Девор.
Ӯ зи даҳшат
Ҷафс шуд бар ҷисми Адомас.
То саҳаргоҳон
Зи хобе, ки ба даҳшат дид,
Меларзиду меларзид.

**XXXI**

Нимрӯзӣ
Боз ҳам аз рӯи одат
Баччаякро, к-аз камон сӯи Даранда
тир меандохт,
Хона хонданд.
Ӯ қадам бигзошт
сӯи хона, аз сайдаш қаноатманд,
Дар китфаш камони чӯбии худсохт.

Лаҳзае пас бозгашт аз кор суратгир -
Соҳиби он хонадони сербачча.
Баччаҳояш,
Баччаҳое, ки чу ҷонаш дӯст медошт,
Ҳар замон з-онҳо
ба меҳре акс мебардошт,
Ҷумла бар занаш монанд буданд,
Бар занаш танҳо -
Ҳам ба аксу ҳам дар ин дунё.
З-ин сабаб ҳамсояҳояш
шӯхӣ мекарданд,
Ки «бинед, суратгир

Ҷовидонӣ кардани худро наметонад.»
З-ин суханҳо
ҳеҷ гаҳ қаҳраш намеомад,
Ба посух зери лаб
доим табассум менамуд.
Боз ҳам ҳамсояҳоро,
Лозиму нолозим, аз рӯи ҳавас
Бемузд сурат мегирифт
Бо сад намуд.

Меписандид ӯ
Замини тираву якранги суратро,
Доимо дар ин замина
Пушт бар Девору Дарранда
Мизоҷонро шинонда,
Акс мебардошт.
Рӯзи имон,
Ё ки рӯзи тӯй
Ё кулли маросимҳои дигар
Пиру барно ҷамъ мешуд пеши Девор.
Бо ниёзу хоҳиши ӯ
Паҳлуи Девор мемонданд гаҳ
тобутро ҳам,
Яъне, - он ҷое, ки буд оғозгаҳ,
Бигзор, ҳам анҷомгаҳ бошад.

Як замина буд суратгирро
баҳри ҳама сурат.

Доим андар ин замина
Дошт ӯ имон,
Ки беҳтар мешавад маълум инсон.

Гар ту чизе нестӣ,
Дар ин замина -
Пеши Девори дурушти рангпуркида
Наметонӣ намоӣ
нокасии хешро пинҳон.

Пиразан низ инчунин мегуфт.
Ӯ ҳатто кунун ҳам,
Баъди солу моҳи бисёре нигаҳ мекард
Бар Девор,
чун бар сурати деринаи худ,
К-аз гузашти солу маҳ ин гуна фарсуд.
Чашми пӯшида,
Нигаҳ мекард,
кулли саргузашташродар он дида.

**XXXII**

Саргузашташро
Дар ин ҷо
Метавонист ӯ диҳад анҷом,
Чунки он тараф танҳо яке Девор буд,
Девори сарду соките,
К-аз он на имкони раҳоӣ буд,
На бигрехтан,
Танҳо, ба нӯги пойҳо боло шуда,
Дидан буд имкон,
К-офтоб он гуна раҳпӯёст
В-аз тарқиши он Девор хоҳӣ дод
Аввал рӯзу соат,
Баъд моҳу солҳои хештанро
Дар баҳои нону оби
ин ҳавои зиндагибахшо…

Метавонад гуфт Марселе,
Ки аз кай
Рӯи ӯ
Бо рӯи пурожанги ин Девор
шуд ҳамсон,
Аз ҳамон рӯзе, ки ҷанг оғоз шуд
(Ин ҷанг на,
Ҷанги нахустини ҷаҳон).

Адомас бар ҷанг рафт, Марселе аммо
Аз қафои пардаи ашкаш надид,
К-аз пушти ӯ Дарранда ҳам рафт,
Оре, он Даррандае, ки пушти Девор

Буд пинҳон дар ҷаҳоне тор
Умре интизори фурсати худ.
Рафт он Дарранда,
Дар Девор танҳо нусхааш монд…

Баъд аз он Марселе шабҳо
Рӯи ҳарфи Ишқ,
Ҳарфи беканори Ишқ сар мемонд,
Сар мемонд танҳо.
Фикр мекард ӯ дар он торикии шаб:
Дигар он Дарранда тарки вусъати
Девор карда,
Дигар одамҳо ҳама якҷону яктан
Гирди ҳарфи дигаре бо ҳам расида –
Ҳарфи Нафрат.

Монда танҳо
Аз тамоми халқ занҳо.
Бояд онон рӯзу шаб бошанд бедор,
То нигаҳ доранд аз ҷон
Оташи ҳарфи Муҳаббатро,

Ки аз Нафрат
Ҳазорон бор
Хира сабт гашта рӯи он Девор.

Ҷамъ мегаштанд ҳар бегоҳ онон
Даста-даста,
Ҳамчу мурғи тирабахтии ҳамагон
Паршикаста.
Осмони сарду тира
Ҳамчу сарбори гароне
Буд андар авҷи ҳавлӣ ҷовидонӣ.
Ҳар замон аз роғи дарҳо
Роҳ меҷустанд ҳар гуна хабарҳо.
Ҳар замон
Бо доду фарёд аз дилу ҷон
Як нафар аз он занон
Беҳол мелағзид ногаҳ
Қад-қади Девор,
Меафтод дар пои хати Девор,
Девор он замон
Месӯхт пурозор.

**XXXIII**

По ба пои вақт лозим буд шитобидан,
Аллакай буд нимаи рӯз
В-он калоба,
Риштаи сурхи калоба дам ба дам
Кам мешуду кам.
Сояҳо бар рост лағжиданд.
Кампир
Лаҳзае во кард чашми хирабинашро -
Рӯи ҳавлӣ аз либоси шуста пур буд.
Рӯи ҳавлӣ
Аз ҳавои гарму бӯи собуну
аз ғайбати пайваста пур буд.

Аз дилу ҷон
Ин замон
Духтарчае
дар гӯшае собунҳубобак пуф мекард.
Аз кафаш собунҳубобак мепарид он ҷо
ба ҳар ранг,
Лаҳзае рахшида,
Меафтод ҳар як
бенишон рӯи раҳи санг.
Духтар аммо тан намедод.
Оқибат
Аз чӯбаки тиллоӣ як собунҳубобак

Аз ҳама боло баромад,
Дид хуршеди дурахшонро,

Дар паси Девор,
Гӯё аз уфуқ он сӯ.
Пас он
Рахшида ғоиб шуд.
Духтарак,
Розӣ зи худ,
Шодона хандид.
Хандаи тифлонаи зебо
Ҳавлиро
Пур кард сар то по.

**XXXIV**

Марселе, чун бар асо,
Такя ба ҳарфи Ишқ карда,
Интизорӣ мекашид.
Мужда омад, ки Адомас бозмегардад.
Интизорӣ мекашид ӯ,
Дар қафо -
Рӯтира Девори сиё.
Андар он испедфомии саҳаргоҳон
Чунон бар дидааш омад,
Ки ҳавлӣ нест сангӣ,
бал кулаҳхудист…

Рӯи роҳи интизорӣ
пойҳояш шуд карахт.
Интизории варо ду рӯзу ду шаб шуд.
Боз ҳам ӯ интизорӣ мекашид.
Ҷумла мегуфтанд занҳо:
«Рав, ягон чизе бихӯр,
То бозгаштат мо ҳамеистем…»

Сар ҳамеҷунбонд бас беҳол ӯ танҳо.

**XXXV**

Ӯ базӯре рост меистод.
Буд бегаҳ,
Ки баногаҳ
Дар хаёлаш,
Оре, ӯро дар гумон
Боз он Дарранда
Аз дарвоза ворид гашту
дар Девор шуд пинҳон -
Хост фарёде барорад, то гурезад он,
Вале таъхир кард.
Дарзамоне аз қафои як аробача
Аз ҳамон Дарвоза ворид шуд
Ду нафар марди шинелпӯш.
Дар аробача, надонист ӯ,
Ки биншаста ва ё хоб аст марде
(Низ чун онҳо
шинели аскарӣ бар дӯш).

Марселе наздик омад -
Гӯиё он ду нафар
Пурсиданӣ буданд чизеро аз ӯ,
Балки мегуфтанд гапҳое муҳим,
Лек Марселе намефаҳмид чизе.
Марди суратгир,
ки низ интизорӣ мекашид,
То кунад ин лаҳзаро ҷовид,
Рӯ пӯшид.
Ҷумлаи ҳамсоязанҳо
Низ фаҳмиданд.

Чизеро намефаҳмид
                    як Марселе танҳо.

Дастҳояш бар қад овезон, ҳамеистод,
Зери лабҳо
Ончуноне паст,
            ки худ ҳам намефаҳмид,
Кард ово:
-Адомас!
Буд умедаш, ки ҳама хоҳад аён шуд,
Он ду тан хоҳанд шармид
аз хатои хештан.
Лек овози шиноси зӯрманде
Аз аробача ҷавобаш дод: «Ман!»

Боз олам шуд хамӯш.
Оқибат, марде аз он ду тан, ба ӯ гуфт:
«Хоҳари ҷонам,
Бигир ӯро…
Ва ё…»

Марселе худро фиканд он сӯ
Ва рӯи дастҳо бардошт Адомасро,
Ва ҳайрат шуд саропо -
Охир, ӯ чандон сабуке буду
зору бепаноҳ!

Бар аробача назар бинмуд ҳатто:
Кулли Адомас - ҳамин оё?
Оре,
Он чизе, ки рӯи дастҳояш дошт ӯ,
Кулли  Адомас буд.

Кулли ёри хештанро
Бурд ӯ аз байни ҳавлӣ сӯи таҳхона.

Аз пояш пайваста
он Девор ҳам мерафт.

Рӯи он
яке рангинкамон
рақси алам мерафт.

## XXXVI

Дар дили Марселе ҳоло
шӯълаи уммед тобон буд.
Сахт пӯшида дари таххонаро,
Дар тирагӣ
Медод идома ӯ фиреби хештанро.
Ӯ, ба зону уфтода,
Бори рӯи дастҳо
овардаи худро бибӯсид
В-он замон
Аз даҳшату тарси сукути бас гароне,
ки фароҳам шуд,
Бо алам қаҳ-қаҳзанон хандид.
Чун Адомас
бо ду дасти бас харобу
бас дарозаш
(Аз чи ин дастон дарозанд инчунин?)
Сӯи худ ӯро кашид,
Беҳад мутеона ба ӯ часпид.

Лек ин дам пойҳояш,
Пойҳои нозуку ҳассосу зебояш
Натонистанд дарёбанд
ҷуфти пойҳои дигареро.
Пойҳои сап-сафедаш
дер гоҳе метапид,
Ҳамрози худ - пои Адомасро надида,
Чун ду моҳии ба соҳил афканида.

Он ду пои нозуку ҳассос,
Ҷустуҷӯи хешро бебор дида,
Оқибат навмед монданд, орамида.

Дарзамон рангинкамон
Гардид пинҳон.

## XXXVII

Ними шаб,
Марселе,
Чун фаҳмид,
Ки то ин аламро
аз раҳи чашмон нарезад,
Ҳеҷ гаҳ хобаш нахоҳад бурд,
Аз болин бадар рафт.

Муштҳояшро ба рӯи синааш афшурд

Ӯ урёнсару получ
Ба сӯи соя,
Яъне, ҷониби Девор,
К-андар тирагии ҷовидонаш
Хуфта буд Даррандаи озор,
Раҳ бигрифт.
Наздик омаду як лаҳза сокит шуд
Ва пас рӯ сӯи Девор овариду туф кард
Аз ҷону дил
бар афти он Даррандаи малъун.
Сипас, бо мушт бар Девор куфта,
Дастакони хештанро кард ғарқи хун.
Чуноне муштборон кард,
К-аз ангуштҳояш шуд ҷудо нохун.
Ҳаме часпида бар Девор,
Онро мехарошид,
Аз алам в-аз дард
гоҳе ҳам нафасгардон шуда,
Мекард бо поҳои зебояш лагадкӯбаш
Ва мӯҳои парешонаш
Чу борон гӯӣ мезад беамон чӯбаш.

Зи худ ҳам бехабар,
Ҳам бехабар аз дастҳои ғарқаи хунаш,
Басо Даррандаро ӯ кӯфт бо дастону
бо поҳои зебояш
Ва охир,
Рафта аз ҳолат,
Яке лағжид ногаҳ қад-қади Девор,
Бар пояш.

Ҳамон лаҳза
Сукунат бар замин афтод.
(Ба худ ӯ гуфт:
- Ҳоло бемаҳал афтоданат…)
Аз нав сарашро бо ғуруре карда боло,
Хест ӯ аз ҷо
Ва бар чашмони сардаш
Дӯхта чашми адоватро,
Ба хашми бекароне инчунин гуфто:

**XXXVIII**

Касе бошӣ-набошӣ -
Тарс ё Тақдир,
Ё Дарранда ё Эзид
Ва ё Шайтон ва ё Инсон -
Касе бошӣ-набошӣ,
Аз ҷаҳони тираат берун биё,
Дар як нафас ғолиб бишав бар ман,
Маро гум кун ту аз рӯи замин,

хокистарам бинмо,
Бикун саркӯб зери по, -
Аз ин аҳволи ман беҳтар шавад ҳоло.

Наход аз дил туро бигзашт,
Ки ман гаштаам мағлуб?!
Бубин ту ин баданро,
Ин ҷавонии дилу танро,
Бубин пешобағалро,
Соққои поку рӯшанро -
Бубин дар пеши худ нақши азалро,
Яъне,
он вақте ки ман будам дар ин олам,
Набуд аз ту дар ин олам нишоне ҳам
Ва ман ҷовид мемонам дар ин олам,
Даме, к-аз ту намемонад нишоне ҳам.
Ту медонӣ,
Ҳамебояд бидонӣ, к-имшаби торик
Дар таҳхона, рӯи вожаи Ишқ
Оқибат ман гаштам обистан.
Ту мефаҳмӣ - писар тавлид хоҳад шуд,
Писар! –
Ҳамчун давоми умри Ӯву Ман!

**XXXIX**

Чунин гуфту бирафт ӯ –
хаставу хомӯшу дилхолӣ.
Чунин гуфт ӯ ба шеван,
Бояд охир инчунин мегуфт,
Азбаски наметвонист ногуфтан.

Ҳамедонист, к-ӯ ғолиб набуд,
Бо ҳоли зор
Аммо сабукдил шуд аз ин рафтор.

**XL**

Адомас гиряҳо мекарду менӯшид
Ва ғамгин,
Зери лаб, пурдарду даҳшатнок оҳанге,
Ҳамора мебаромад
рӯи мизу бо ҳаросонӣ
Ба тиреза нигаҳ мекард.
Дар он
ӯ пойҳои раҳгузарҳоро ҳамедид,
Пойҳое - чобуку чаққон,
Пойҳое - хаставу ларзон.

Ба пушти шиша поҳо медурахшиданд,
Ҳамчун нур ҳар сӯ медавиданд.

Он пойҳо - бахшу атои олами дигар,
Чу алмосе, ту гӯӣ,
шишаи тирезаҳоро мебуриданд,
Ҳамзамон маҷбур мекарданд
Чашми хешро нимкоф бинмудан
Ва дилро
сӯи ҷаҳли беилоҷӣ низ бикшудан
Ва рӯи мизи кухна мушт кӯбидан,
Ҷаҳонро нафрати беинтиҳо бинмудану
пайваста нӯшидан:
Чи нӯшидан, ки ҳар ҷомаш
яке дарди дигар бошад,
Баробар бо ҳисоби
пойҳои раҳгузар бошад…

Вале шабҳо…

Ҳамеомад базӯре
То ба пеши пойҳои
рӯшану зебои Марселе,
Ба онон дарфитода,
Меҳрубониҳо ҳамекарду навозишҳо,
Фушурда беамон бо панҷаҳои
хушку пурзӯру дарозаш
(Аз чи ин дастон дарозанд инчунин?).

**XLI**

Аз таҳи кат Адомас берун намуд
қуттии деринро,
Ки пеш аз ҷанг рафтан
Андар он
анҷомҳои мӯзадӯзиро нигаҳ медошт.
Гирифта қолаби коромадашро,
Пеш монда қуттии лабрези қатронро
Ва баста
пешбанди хештанрову даҳонро
Карда пур аз мехи чӯбӣ,
Дод оғоз ӯ ба кори хеш.

Ҳамон дам
Пеши чашмони тиреза
пур зи тифлон шуд.
Ҳама мехост дидан –
чун патинка мешавад пайдо
Ва кафши нозуку зебо.
Вале дар дил ҳама буд интизори он,
Ки хезад мӯзадӯзу пешбанди
хешро гирад
Ва тифлон
бо ду чашми хештан бинанд,-

Андар зери ҷисми
пуртавонаш пойҳояш нест.

Пойҳоро бозгардонед!

**XLII**

Буд ӯ собир
Ва охир
Бо худаш як рӯз танҳо монд.

Ҳатто чашмони тиреза
Баъд аз ин сарду тиҳӣ буд,
Чунки мардум,
Оре, мардум ҷумла медонист,
Беҳад хуб медонист:
Зери пешбанди кории ӯ
ҳеҷ чизе нест…

**XLIII**

Оташи дилро,
Ки берун аз даҳон мешуд ҳамора,
Кард хомӯш ӯ,
Гирифта бар даҳонаш чанд мехеро
Ва бо ҷаҳди дуболо
Бо ҳавас часпид бар кораш дубора.

**XLIV**

Кафшҳояш
Беҳтарини кафшҳои даҳр хоҳад буд.

**XLV**

Инчунин метофт аз ҳар сӯй ,
бар чашми назора:
Адомас дар зиндагӣ
бар хеш ҳайкал мегузорад.

**XLVI**

Бехабар аз асли кор
Он қадр шуд хурсанд Марселе…
Бегаҳ ӯ
Баргашта аз кору
дари таҳхонаро қулф аз дарун дида
(Чашми равзан низ буд
бо парда пӯшида),
Аз дилаш бигзашт:
Адомас, аз афташ, мекунад роҳат…
Буд ҳангоми хӯроки шом –
Дукон рафту харид аз ину он,
Ҳамворааш як фикр андар сар:
Баъд аз ин аҳволашон

хоҳад шудан беҳтар,
Ки дар паҳлӯи ӯи зор
Мекунад Адомасаш ҳам кор.

Баъдтар ҳамсояҳо дарро шикастанд,
Ӯ ҳамон дам,
Пеш аз ҳар чиз
Ҷуфти кафшро дид.
Кафшҳои сип-сиёҳи нав,
Чу мармар,
Балки чун пайкар,
Бале, чун пайкари ҷовид,
Пеши ҳар чашме дурахшида,
Фарши намро ҳусн бахшида,
Ҷуфти кафши поки дилрас,
Ҷуфти кафш –
Андозаи пои Адомас.

Ҳамзамон
Аз шифти хона
Ҳамчуноне аз само
Як ҷуфт дасти хушк,
Дастони дарозе буд овезон
Ба сӯи кафшҳо -
Он ҷуфти кафши поку рахшон.

Боз
Мехобид дар як кунҷ курсии куҳан,
Курсие, к-ӯ,
Низ бо он дастҳояш,
Як тараф афканда буд аз зери пояш
(Аз чӣ ин дастон дарозанд инчунин?!).

**XLVII**

Марселеро
Ҷумлаи ҳамсоязанҳо
сахт мекарданд талқин:
Зуд бояд
Кафшҳоро ӯ фурӯшад,
Дар баҳошон
ниматобуте бифармояд…
Ҳаст баски ҷумларо фаҳмо:
Андар ин ҳавлӣ бувад пул
тухми анқо…
Лек Марселе қавирӯҳ
Сар ҳамеҷунбонд бо андӯҳ.

Баъд оварданд ҷумла рӯи дастон
Ниматобуте на,
Тобуте бутун берун зи таҳхона –

Адомас буд калон.

Кард хоҳиш Марселе -
Тобутро монанд андар пои Девор,
Интихобид ӯ худ он ҷоро,
Ки кулли тирагиҳоро макон буд,
Яъне, он ҷоро, ки дар соя,
Дар дили торикии ҷовид
Дарранда ниҳон буд.

Гуфт суратгир:
«Андар соя
Сурат табъи дил ҳаргиз намеояд»,
Лек Марселе
Ба ҳарфи хеш буд подор –
Монд тобут он ҷо,
Андар пои Девор.

Адомас он ҷо калон буд –
Ончуноне ки аз оғози ҷаҳон буд –
Бо ду кафши бас калонаш,
Бо ду кафши тозаву зебову рахшонаш
Гӯиё бар фарш,
Меафшурд по бар погаҳи тобут.
З-ин сабаб ҳам
Дар назар метофт,
К-ин қуттӣ
Барои ӯ басо танг аст.
Кӯдакон он сӯй медиданду ҳар дам
Ҳайрати онон ҳамеафзуд –
Ки аз баъди мурдан
Одамӣ оё зи нав меёбад он чиро,
Ки андар зиндагӣ гум карда буд?

Бо ғурури ҷовидона,
Ҳамчу гул андар дами бод,
Бо сари болош Марселе
Ба пеши дастгоҳи
                бози суратгир меистод.

Муштҳояшро гиреҳ карда,
Лабонашро газида,
На ба мурда,
Бештар гӯё назар мекард
Бар Девор.
Ӯ
Ба мисли модагурге
Буд тайёр
Ин замон ҳам бар садои тир,
Ҳам бар кулли гирудор.

На!
Танҳо ба хашми бениҳоят
Ишками афзудаашро ӯ
ба дасти хештан медошт,
Лозим буд ӯеро, ки хоҳад бар ҷаҳон
омад кунун,
Кардан ҳимоят.
Баски бо андешаи фардои матлуб аст,
Кай дар умр мағлуб аст?!.

Боз ҳам омад накард он рӯз кораш,
Набаромад он ягона
сурат андар рӯзгораш.
Айби суратгир нест, албатта.
Ӯ он лаҳза,
Худ бо худ ҳаме оташ гирифта,
Ҷумларо дар сурати ёдаш гирифта…

**XLVIII**

Бас аҷиб аст аз барояш:
То кунун бар ёд меояд варо
он марғзоре,
Ки бар ӯ рух дода буд дар хобҳояш.
Лек ин бор
Рӯй-рӯи марғзор
андар шино буд меғҳое,
Ҳар тараф карда парешон
меғро бо дастҳо,
Ду чашм сӯи тирагии ширфоми
чун саробаш,
Марселе он дам шино мекард
Андар ҷустуҷӯи аспи испеде, ки боре
Шуд дучори ӯ ба дарёбоди хобаш.

На само ҳаст,
На замин,
Меғу меғу меғ,
Ҳар сӯ - як ҳамин.
Бояд ӯ сайёраро аз хеш оғозад
Ва бо сайёра
андар марғзори қисмати худ
Хешро аз хештан,
Аз хештан созад.

**XLIX**

Чашм бикшод ӯ -
Набуд аз пардаи меғи сапед осор,
Пеши чашмҳояш буд
Як пурзахму пуртарқиш он Девор.
Он Девори дида эй басо ғам,
эй бас андӯҳ,

эй бас озор.

Бар тиреза, инак, ў бисёр шуд наздик.
Марселе аз ў пурсид
Бо лабҳои хуншор аз газидан:
- Гў, чӣ мехоҳӣ ту аз ман?
Дарзамон Девор ҳам додаш ҷавоб:
- Офтоб…
Ин лаҳза Марселе фиғон кард
Аз дилу ҷон,
Ҳамзамон Деворро кард аз худаш дур
Ҳамраҳи он дарди носур.

Низ аз ботин мунаввар гашт Девор.

Меғ ҳар ҷониб парешон шуд.
Аз паси уфқ асп ҳам
аз нав намоён шуд.
Дастҳояшро ба ҳам молида, Марселе
Навозиш кардани аспи сафедашро
ҳавас мекард.

Баъд ким-кӣ сўи ў хам шуд,
Арақҳои варо бинмуд пок,
Он гоҳ бо овои кампирона
Дар гўшаш бигуфто:
- Бачча кардӣ, эй зани бебок…

**L**

Бўи нони гарм меомад зи ҳавлӣ,
Шом шуд оё?
Агар дар шаҳр
Бўи нони гарм
ин сон фаровон аст дигар,
Метавон гуфтан,
ки мардон бозмегарданд.
Оре, бозмегарданд мардон,
Чунки дар пушти тиреза
Мешавад ҳар дам баланд овояшон.
Кампир шуд ҳайрон,
Ки аз бозомади мардон зи кор
Ин гуна ғофил монд.
Сахт ўро ногаҳон шояд ғанаб бурд,
Хотироташ бо сари худ, з-ў ҷудо,
чун Вақт ҷорӣ буд.

Дид дар дастони занҳо
ў либоси тозаро,
Омад ба ёдаш –
З-ин мувофиқтар барои шустушў
рўзи дигар нест,
Рўзи шанбест.

**LI**

… Рӯзи шанбе.
Марселе ҳам тифлаки худро замоне
дар сари дастон
Пасон, аз дастакаш бигрифта,
Бахри шустушӯ ҳаммом мебурд.
Лаҳзаҳои хуштарин буд –
Бӯғ аз ҳар ҷонибе мезад фағона,
Ҳамчунон пероҳани шоҳӣ
ба ҷисми одамӣ мешишт,
Мепечид ҳам чандин қабат
бар ҷисми урён нозукона,
Об ҳам
Бо ҷумла узви одамӣ –
Аз пой
То сар –
Ҳамзабон мешуд
Ва овои латифи ҷумлаи занҳо
Баланд аз ҷисму ҷон мешуд
Ва лаҳза-лаҳза
Обу ҷисмҳо бо ҳам қарин мешуд.
Ва овои нахусти шодии одам
Зи рӯзи омадаш бар арсаи олам –
Ҳамон эҳсоси чун олам қадими ӯ
Баланд он лаҳза
то чархи барин мешуд.

Ва тифли хешро Марселе
Мекард аз ҳама гарду ғубори
рӯзгораш пок,
Собун бар сараш молидаву мешуст
То он лаҳзае,
К-ӯ мегурехт охир
зи дасташ ногаҳон чолок.

Лек ин лаҳзаи хуш,
Лаҳзаи шодии аввал ё азалро
Буд подоши гароне –
беқарориву азоби шаб,
Шабони тори исёнӣ,
Зибаски ҷисми ӯ
бар рағми ин дунёи пир
Онгуна боқӣ буд
ҷавону аз ҷаҳон носер
В-ин дам
Гашта аз рухбозиҳои
оби гарми беҳаё бедор,
Мекардаш ҳама шаб сахт ҷонбезор,
Бепарда
Ҳақи поку ҳалоли ҳамдамии хешро
бо ҷисми гарме

З-ӯ талаб карда.

Соҳиби ҳаққу ҳуқуқи хеш бошад
ҷисми инсон,
Соҳиби ҳаққу ҳуқуқи ҷовидон,
Ҷовидон – чун зиндагонӣ,
Низ оғози ҳама оғозҳои даҳри фонӣ.

В-андар он шабҳои тира то саҳаргоҳон
Нафасгардон
Азоби гӯрро медид Марселе
Ва зору ноилоҷона ба ҷисми хеш
мепечид Марселе.

Ҷисми покаш беамон месӯхт,
Баски бояд ончунон месӯхт,
К-андар як кафи хокистари он,
Ё ки андар турбати ӯ,
Андар он чизе, ки мемонад
Зи ҷисми фониву пурҳасрати ӯ,
Дар ҷаҳони тирагӣ афканда нур,
Ояд падид ин лаҳза шодии вафо –
Асли булӯр.

З-ин сабаб, то субҳ
Дандонаш фурӯ мерафт бар лабҳо,
Бо ду дасти хеш меафшурд
Болишро ба рӯи синаҳои хештан шабҳо.

Ин тариқ
аз резаҳои хотироти рӯшани шабҳо
Сер мекард ӯ ҳама шаб
ҷисми пуртобу табашро,
То ки ҷонаш хешро воло бидорад,
Хешро мағлуб нашморад.

**LII**

Пеши Девор,
Соя бар рӯяш расида,
Пиразанро ногаҳон ларзонд.
Офтоб андар уфуқ мерафт поён.
Рӯи санге нарм мехуфт
Як рахи пасмондаи нуру ҳарорат.
Буд равшан, к-ин замон соя
Ҳама Деворро
аз хеш хоҳад баст пироя.

Як замон ин лаҳзаҳо
Деворро мегуфт тарк,
Мефаромад тӯи таҳхона,

Лек дид имрӯз кампирак:
Калоба монда андак,
Курсиашро з-ин сабаб бардошта,
То ба хатти охирини хотироти хеш
Раҳ бурд –
То хати пасмондаи нуру ҳарорат.

**LIII**

Инак, аз ҳаммом занҳо бозгаштанд,
Ҷумла бо шӯхиву ханда,
Бешитоб аз байни ҳавлӣ роҳ бурданд,
Дарзамон то ношикебо
Ҷо шаванд ин дам бари оинаҳо.
Шона хоҳад кард ин дам
Ҳар зане мӯҳои фаттонро,
Мӯи овезону ларзонро,
Бо дили ҳассос хоҳад гӯш дод
Бар садоҳои тани хеш,
К-аз хурӯши об ин дам беқарор аст,
Хуб мебинад:
тани зебош чандон беқарор аст,
Менагунҷад ҳеҷ дар пироҳани хеш.

Мон, чунин бошад,
Мон, ки нури ёд шодиофарин бошад.
Ҳам сафарҳое ба қаъри асрҳо бошад,
Қисмати одам ба дасти наслҳо бошад!
Кӯдакон бигзор имшаб хуш бихобанд,
То саҳар
барвақттар бар кӯча биштобанд,
Баски фардо рӯзи бозор аст,
Ҳар яке фардо
ба савдое гирифтор аст…

Инак,
Ид бод ин бору ҳар боре!
Хоби хуш бошад ҳама шаб
Раҳ ба бедорӣ.

**LIV**

Мард шуд ӯро писар.

Ҳар субҳ Марселе
Мегуселонид бар кораш.
Ӯ намекард он замон андеша аз бахте,
ки ӯро ҳаст,
Лекин он қадар хушбахт буд
Ҳар субҳ, ҳангоми гуселондан ба кор,
Шомгаҳ, гоҳе ки баргашти писарро
Буд аз кор интизор.

Лаҳзаҳое низ, к-аз баҳраш ҳамепухт
Хӯрданиҳои лазиз,
Баъдтар ҳам,
К-ӯ рафиқони худашро
интизорӣ мекашид,
То дергаҳ мехонд бо онон китобе
Ё ки гаҳ то нимашаб мешишт
Гарми сӯҳбати ширину бобе.

Он замон ӯ
Дар кадомин кунҷаке биншаста хомӯш,
Бо ҳавас медод бар гапҳои онон гӯш,
Ҳар дам ноаён мекард ғамхорӣ
Ва хушбахти ҷаҳон буд,
ки дар ин дамҳо
Зи ёдаш рафта буд Девор,
Буд ин лаҳза фаромӯш гӯиё оне,
Ки андар зулмати ҷовид мезист,
Он ки мағлубаш нагашта,
Лек худ ҳам ҳеҷ мағлубаш
намудан менатонист.

Он замон (Ёдаш ба хайр!)
Айёми осоиш ба дунё буд,
Балки беҳтарини рӯзҳо буд.

Марселе армони бисёре надошт.
Мехост танҳо –
Рӯзҳои хуш бимонад бардавом
Дар ҳама айём.

**LV**

Он саҳар фарзанди ӯ аз зери кат
Кард он қуттии деринро бадар,
Дар таҳи он
Карда ӯ ҷумла китоби хешро пинҳон
Ва Марселе яке фаҳмид, –
Баъди солҳои беш ташвишро аён дид.

Рӯй бар Девор овард ӯ,
Ҳамоно бо худ андешид:
Шуд бедор
Аз нав боз он Даррандаи хунхор.
Бояд ӯ омода бошад,
Чунки рафт айёми осоиш,
Расид айёми ташвиш.

Шояд он айёми некӯ
Буд танҳо дар хаёли ӯ.

**LVI**

Пеши қуттӣ
Ҷониби модар
ҳамегуфт он замон фарзанд:
- Дар ин ҳаст асбобе, ки бо он
Метавон пӯшонд пои одамон,
Балки пӯшондан
зи сар то пои онон метавон,
Сер кардан ҷумларо
з-ин баъд бо нон метавон.

Карда ӯро гӯш, модар
Худ ба худ андеша мекард:
"Содаи ман, тифлаки бедард…"
Он лаҳза писар
Гӯӣ фикри модари худро шунида,
Боз меафзуд:
- Оре, ин на кофист,
Лек ин ҷо ҷумла асбобест, ки бо он
Метавон хушбахттар бинмуд
кулли одамонро,
Мардуми рӯи ҷаҳонро.
Мекунӣ бовар
Ба ин, модар?
- Низ манро метавон хушбахт кардан?
Аз дили Марселе бигзашт,
Боз ҳам гӯё писар ӯро шунида,
Бар гапаш афзуд:
- Аввал, модари ҷонам, туро
Метавон кардан яке хушбахти дунё!

Баъд Марселе
Ба ним овоз гуфто ё худ андешид:
- …Девор…
Аз дилаш бигзашт танҳо, лек
Даҳшате ӯро фаро бигрифт:
Ноход
Гашта ӯ мағлуби беимдод?

**LVII**

Монда он рӯз
Рӯшан андар ёди кампир.
Он қадар рӯшан,
Беш аз меҳри саҳар рӯшан.

Чун ҳамеша пиразан
барвақт хест аз хоб
Ӯ зи ҷогаҳ бингарист аввал
суи фарзанди ғамхор,
Баъд, чун одат, - ба Девор.
Бингаристу гашт ҳайрон,

Ин қадар барвақт шуд хуршед хандон.
Баъд аз он танҳо,
назар бинмуда рўшантар
зи чашмони тиреза,
Дид болотар аз он Девору Дарранда
Парчами болои рахшанда.
Дар дами боди вазон бехуд тапида,
Парчам он дам бегумон метофт зинда.

Пеши чашмони ҳар одам –
Оре,
Девори сиёҳи
сарбасар пурзахму пурчин
Аз шуои меҳри тобони саҳар
бисёр мерахшид
Ҳамчун киштие дар баҳри ҷовид.

Лек Марселе намедонист
Он киштӣ
кадомин ҷонибе хоҳад шино кард.
З-ин сабаб,
Чашм аз тиреза канда,
Рў овард бар фарзанди фархунда:
- Бубин…
Дар рўи Девор…
Парчами Ишқ аст подор?..
(Ў надида ҳеҷ гоҳ ин гуна парчамро,
Валекин
Дошт бовар:
Парчами Ишқи ҳалолу пок
Мавҷуд аст дар даҳр!)
Гуфт фарзанд:
- Оре,
Бошад парчами Ишқ.

Модар имон дошт –
аз марде, ба ин зўру фурўғ,
Барнамеояд дурўғ.

Марселе он гоҳ безинҳор
Берун шуд зи таҳхона ва роҳӣ гашт
Сўи парчами Девор.

Ҳавлӣ аз шуои лолагуни субҳгоҳӣ
Медурахшиду шино мекард
Бо кулли ғаму ташвиш
Ва дарду ғуссаву хоҳиш
Ва бо он сабри сангӣ,
Нафрати бисёр,
Тарси бешумор,
Он гуна – бо нону намак,

Бо дарди бисёри худу он шодии андак
Шино мекард.

Киштӣ кӯҳна буд, таҳхонааш – бисёр,
Мамлу аз тамоми бор…

Ин сон пеши Девор
Марселе ҳис кард рӯшан:
Мекунад ҳавлӣ шино
(Аммо, намедонад куҷо…),
Азбас насими субҳ бозӣ менамуд ӯро
ба доман,
Бӯсаҳо мекард аз рӯяш
Ба меҳри гарму нотакрор,
Он дам
мебаромад Меҳри ҷовид
аз паси Девор.

**LVIII**

Пиразан шуд ғарқи баҳри сояҳо,
Мебофт аммо боз –
Бояд ӯ диҳад анҷом
Бар оғоз,
Варна кай шавад ором.
Ӯ боз интизор аст,
Интизори ҷовидон –
З-оғоз
То анҷом.

**LIX**

Ҳеҷ кас огаҳ набуд…
Ӯ низ донистан наметонист,
Аммо
Бо кадомин ҳис
Ҳамебоист медонист.
Оре,
Бояд ӯ донад

Ва мардумро
Бари Девор хонад,
То ба зӯри ваҳдати дастон
Раҳеро бозбанданду бурун н-ояд дигар
з-он зулматистон –
Аз дили Девор
Он Даррандаи ғаддор.

**LX**

Як шаб, ҳини хоби мардум, аз Девор
Берун омад он хунхор.

**LXI**

Субҳи рӯзи дигар

Одамонро ҷанги нав бедор кард.

**LXII**

Он гоҳ дар Девор
Шуд пайдо
Паногоҳ –
Вожаи сарду сиёҳ.

**LXIII**

Як рӯз Марселе
ба он таҳхона поин шуд.
Дар он ҷо мардуме бо бастаҳо,
Бо обу нон
Аз ҷанг буд пинҳон
Ва он таҳхона
бӯи тарсу ваҳми одамон мекард,
Бӯи калламуш,
ашку арақ,
дарду ғамон мекард.

Он ҷо танг буд беҳад ва одамҳо
Ҳамоно танг мекарданд
он сон ҳамдигарро
Аз барои ҷое дар зери замин он ҷо.

Ва ӯ бо хеш андешид, ки дар ин ҷо –
Дар ин зери замин ҳам
Ҷанги хурду ноаёне мекунад
ҳар лаҳза сар боло.

Дар ин ҷо ҳам ба чашмон ноаён,
Аммо калону пурзиён
(Чун тарси Инсон?)
Гашта Динозавр пинҳон.

Ӯ касеро дар дилаш маҳкум нанмуд,
Одамӣ аз ҳар ҷиҳат ин лаҳза ӯро
ошно буд.

Рафт берун.
Ҳеҷ кас ӯро нагардонд аз раҳаш.
Лек як кас бо дили сард
Зуд ҷояшро,
Ҳавояшро
Зи худ кард…

Аз барои чӣ, Худоё?

Марселе берун баромад -
Олами паҳно ба чашмаш
Тофт монанди паногоҳи азиме,

К-андар он ҳоким бувад
Рӯҳи Динозаври лаиме.
Буд чунин мушкил, аз ин рӯ,
Парчами гарми муҳаббатро бар он
Девори воло парфишон кардан.
Кулли даҳри беҳудуд
Як паногоҳи азиме буд,
Аммо
Ҷои пинҳон гаштане ку? -
Ҳар куҷо
Бӯи дуди сӯхтору
бӯи мағшуши арақҳои бадан
Мерасад  бо бӯи тарси мову ман.

Пас чи сон бебок
Динозаврро куштан тавонӣ,
К-ӯ баробар дар вуҷуди ҷумла
дорад зиндагонӣ?!

**LXIV**

Дар бари Девор меистод,
Ҳамчун дар бари таърих, ҳайрон -
То куҷо раҳ бурдани худро намедонист,
Пеши чашмаш мешуданд
Шаҳрҳову одамон
Бо хок яксон.
Хок месӯхт,
Об месӯхт,
Дар само маҳтоб месӯхт.

Фикре бераҳмаш ҳамеафшурд:
Ноход ӯ шуда мағлуб? -
Қалбаш,
Қалби гармаш
Он замон
Гӯё бишуд як пораи Девор.
Ноход
Баъд аз ин дар даҳр
Ҷое нест аз баҳри Муҳаббат -
Мурғаки паркандаи авҷи саодат?

Аз миёни дуду оташ
Мепарад мурғе суи Девор,
Худро мезанад
бар сангҳову мешавад пора.
Мезанад худро бар ин Девори беҳис,
То пас он бебол чун санге биафтад
рӯи сангистон.

Аз чи бисёр аст ин сон
Санг дар рӯи ҷаҳон?!
Шояд ин сангон ҳама
чун мурғакон буданд,

К-аз авҷи само афтода,
сангони сияҳ гаштанд?

Марселе ба зону зад
миёни ҳавлии сангин,
Суҷуд овардаву ҳар сангро бӯсид,
Бехи гӯши ҳар як
нолаҳо карду мадад пурсид.

Ҳамон лаҳза
Тамоми санги ҳавлӣ зинда шуд
(Андар хаёли ӯ фақат),
Сӯи само пар зад
Ва дигар
Ҳар яке з-он сангҳо
Тайёра метонист будан,
Санг ҳам,
Сарбози ҷонбиспурдаву бонанг ҳам.

**LXV**

Буд номаълум, к-ӯ мағлуб гашта,
Лек хушкид,
Бетароват шуд
Ҳама он шаҳрҳои ормонӣ,
Дар дилаш дигар
ба хоки тира яксон буд
Ва ӯ, чун боди поиз,
Дар миёни он ҳама вайронаҳо
сарсону сарсон буд.
Ҳатто дар хаёлаш ҳам набуд
Бишкастаҳои рӯзгори рафтаро чидан,
Ки мефаҳмид бо андӯҳ -
Беҳуда-ст кардан
шишаи бишкастаро пайванд.

Лек бар гӯрондани он рӯзгоронаш
дилаш ҳаргиз намешуд,
З-ин сабаб, он ҷумларо дар хештан
Бо вожаи пурдарду ҳайрони “Чаро?”
Печонд, ҳамчун дар кафан…

**LXVI**

Ӯ хуб медонист -
Фарзандаш фақат бар ин саволаш
метавонад посухе бидҳад,
Варо фаҳмонад осон,
Лек ку ин лаҳза фарзанди ҳамадон?!

Худ бирафт аз хона,
даъватро нагашта интизор,
Танҳо гаҳи рафтан зи хона

Парчами меҳру муҳаббатро
Нишон монд аз худаш болои Девор.

Кард пинҳон Марселе дар қуттӣ онро, -
Дар миёни ёдгори шавҳару фарзанд.

З-он пас
Ҳамчунон қалбаш
нигоҳаш ҳам тиҳӣ шуд,
Сард ҳам шуд,
Гӯиё дасте зи Девор
Ҳиссаеро канд,
Он қисмат кунун аз асли худ дуру ҷудо
Бояд бимирад.

З-ин сабаб шояд дигар бисёр
Меомад бари Девор
Дар ин ҷо фақат ӯ лаҳзае мешуд
Каме наздик бо худ.

Мо гаҳе вомондаи хешем,
Гаҳ - вомондаи тақдир,
Гаҳ дар панҷаи тақдир бетадбир,
З-ин Девор
Чашми хешро аммо намегирем,
То пайваста асрори варо хонем,
Дарди талху бисёри варо донем.

З-ин рӯ,
Дарди худро бурд бо ҳасрат фурӯ.
Як дам ҳамоно аз ғаму андӯҳ раст,
Он Ҷузви дур аз Кул
Зи нав бо Кул бипайваст.

### LXVII

Истода Марселе паҳлӯи Девор,
Рӯи ӯ чун рӯи Девор
Пур зи чин асту зи ожанг.
Оламаш гоҳе фаромӯш,
Мекунад ӯ хешро гӯш.

Шояд ин қисмат набуда,
Шояд ин байти ҳазинро ӯ зи ҳасрат
Худ барои худ суруда,
Шояд инро ҷумла андар бофтан
Шуд муяссар бофтан.
Он гуна гиро бофтан, к-аз бехудӣ
бар бофта бовар намудан,
Он чунон бовар намудан,
К-ӯ намедонад дигар –

чун қиссаро охир намудан…

Шояд андар ин фасона
асл пинҳон буд?
Қисматаш шояд ки бо ин қисса
яксон буд?

Метавонист ӯ,
к-аз ин хушрӯзтар бошад?
Магар Девор
метвонист бахшад рӯзҳоеаш,
К-аз ин бесӯзтар бошад?
Худаш ҳам метавонист
Қисмати билкул дигарро ҷои умри
ҷориаш фаҳмида битвонад
Ва ё ки рӯзгори дигареро
умри худ донад?
Ба ҷуз ин,
Нест асноде, ки гӯяд боварибахшо:
Ҳар он чизе, ки буд, аз сар гузашт ӯро.
Магар як пора коғаз,
гарчи бошад муҳрдор,
Гум гаштани он яккафарзанди варо
Бешубҳа метвонад кунад иқрор?
Танҳо нест имкон хубтар дидан,
Зи дигар хуб санҷидан.
Аз ин рӯ, ӯ нахоҳад кард бовар:
Марде –
Зебову ҷавону
қадбаланду дилписанд он сон
Тавонад гум шудан
якбора беному нишон.
Бояд , ки бошад мӯҷиби он –
Ҳеҷ не, тире,
Садои таркише,
Дарранда ё Инсони хапгире
Ва бояд дар замин бошад кафи ҷое,
Ки дар он
Тифли ӯ истода бошад побаҷо
Чун парчами
пур аз ҷилои Ишқ нофармон
Ва то ҳол истодаст ӯ –
Ҳамон қоматбаланду пуртавон,
Онгуна пурзӯру ҷавон.
Чун метавонад гум шудан
Ингуна як Инсон?!

Чи ноҳақ бошад оне, ки бигӯяд:
Ҷанг охир шуд.

Динозавр ин замон ҳам боз подор аст,

Ононе,
ки аз майдон ба хона барнагашта,
То кунун андар набарданд.

Инак, ӯ ҳам
Кай шуда мағлуб?
Фирӯзӣ –
накӯфарзанди худро интизор аст.

**LXVIII**

Инчунин бошад агар,
Бояд ҳама таъзим бинмоем мо
Бар ҳайкали пурорзӯи зиндаи модар –
Ҳам он модар,
ки охир ёфта гӯри писарро,
Ҳам он модар, ки андар интизорӣ
коста нури басарро,
Баски онон
Ҷумла бар пирӯзии ҷовид ҳақдоранд.

Фарзандони онон
то кунун андар набарданд,
Он ҳама
Фарзандҳои навҷавон, пурзӯр, зебо
Баҳри пирӯзӣ фаровон ранҷ бурданд.
Баҳри он пирӯзие,
к-аз ҷумла пирӯзиҳо волост,
Бас пирӯзие аз баҳри фардост.

Мо ҳама бошем бояд
Аз барои модарон пушту паноҳ.
Ҷону дилро пок дорем
аз барои парчами Ишқ –
Он ягона парчами подору зебо.
Пас ҳама имрӯз бархезем,
Ҷумла сар фуруд орем
Пеши модарони
аз ғаму андӯҳҳо ҳайкалшуда,
Ки ҷавони ҷовидон фарзандҳошон
Дар набарди ҷовидон маътал шуда…

Сар фуруд орем
Пеши модарони меҳрубону содадил,
Хушкҷисми бемадоре
Аз ғамони интизорӣ.
Эй басо онон ҳазинанду ҳазин
Ҳамчу чӯби беливои
ҷумла парчамҳои дерин…

**LXIX**

Зиндагӣ гӯё ки охир гашт.

Девор
Шуд зи дигар тираву тор
Ончунон оинае,
Ки кас ба рӯяш нангарад,
Ғайри ҳамон кӯдак ,
Ки сӯи Динозаври пуртавон
То ҳол буд ӯро
Ҳамон тиру камон,
Лек баҳри фаҳми ин бисёр буд кӯчак.

Ва кампир ин замон якбора ларзид.
Сардии бегонае
бар ҷисму бар ҷонаш давид.
Риштааш охир шуд
(Ӯ худ хуб медонист: бояд
Як замоне риштааш охир сар ояд).
Лек ин бори гарон
Бар дӯшаш омад ногаҳон:
Хам шуд,
Ки бинад –
Дар ҳақиқат
Риштааш охир шуда,
То фаҳмад ӯ:
"Охир" худаш чист.
Лек ӯ,
Пушти хамашро бори дигар
Рост бинмудан натонист.
Тира он дам зиндагонӣ
Пеши он чашмони камбину ҳазин шуд.

**LXX**

Он замон Девор яксони замин шуд.

**LXXI**

Ӯ намедонист,
Дар бедорӣ ё дар хоб
Бигзашт
Аз сари Девори
бо хоки сияҳ яксони тира.

З-он суи Девор
Пеши чашмҳояш
Марғзори ошно омад падид.
З-ин сабаб,
Ҳарчанд танҳо буд,
Натарсид.
Аз дилаш бигзашт: бояд
Аспи испедаш ба истиқболаш ояд…

Аз паси уфқ
Он  замон чун кӯҳ

Динозавр хест.

Дар миёни марғзори беканор
Ҳарду гаштанд
Оқибат бо ҳам дучор.

Он дам
Динозавр андар қудумаш гашт хам.
Гарчи номағлуб буду
дар набард аз по наяфтод,
Пеши поҳои вай афтод…

Гӯиё дар хоб
Шуд пурнур аз нав офтоб.
Роҳаташ бикшод оғӯш,
Дардҳояш шуд фаромӯш.

**LXXII**

Рӯзи нав шуд бо куҳан Девор ҳамдӯш.

## ШЕЪРҲО

**ххх**

Ҳар гаҳе ҳарфе задан хоҳед аз боби Ватан,
Бишнавед аввал дар ин боб аз шаҳидонаш сухан.

Бо нафас азбаски онон ҳар нафас
Байрақи ӯро парафшон мекунанд,
Ҷовидон бо дастҳои ноаён
Қисмати моро гулафшон мекунанд.

Бингаранд онон ба сӯи мо ба чашми ахтарон;
Ҳарфашон бо киштзорон сабз монда.
Ёд ҷовид аст
Монанди суруди мурғакон,
Ҳамчу бӯи боғҳои гулбасар,
Хандаи иқболи тифлону табассумҳои модар,
Ҳамчу дасти рост –
Рамзи ростӣ, пушту паноҳи халқи кишвар…

Ҳар гаҳе ҳарфе задан хоҳед аз боби Ватан,
Рост гӯед,
аз дилу ҷон,
то шуморо хуфтагони хок фаҳманд.

### Модарон

Ба қадди хам замин шудгор карданд,
Калон карданд фарзандони урён,
Ки зидди душмани пуркини кишвар
Ба разми беамон буданд мардон.

Намеомад зи дасти ниматанҳо
Дар он айёми ғам кори казоӣ.
Миёни ҷумла занҳо дардманд аст
Зи кори бешумору баччазоӣ.

Ба қадди хам сари гаҳвора шинанд,
Ба сад уммеду армон алла гӯянд.
Дар ин дунёи рӯзу шаб шабу рӯз
Пазанд аз бахри мо, дӯзанду шӯянд.

Наёбад кори зан анҷому ояд
Паёми бомдодии хурӯсон.
Яке дар батни худ бинмояд эҳсос
Нишони ноаёни ишқи ҷӯшон.

Чи фарзандон, ки ӯ бар хок дода,
Чи ашконе, ки ӯ афшонда бар хок.
Ба уммеде зи нав зоиду поид
Ба рӯи хок, зери тоқи афлок.

Гаҳе бардошта боми фитода,
Гаҳе дӯзанд, гаҳ сӯзанд дар умр,
Чу шамъи ноаён миранд як рӯз,
Агарчи ҷовид афрӯзанд дар умр.

Замоне дилбару дилҷӯй буданд
Мисоли ин диёру обу хокаш.
Ниҳода Литваро бар по чу тифле,
Шуданд омехта бо хоки покаш.

P.S.

Бар сари ҳар пушта мондам
Офтобе нурполо,
Баччаҳо оянд бар шавқ
Ҳар саҳар вақти тамошо.

Бар сари ҳар навниҳоле
Мурғаке хушхон нишондам,
То ба лаҳни худ зудоянд
Аз ниҳоди духтарон ғам.

Дар дили ҳар марди меҳан
Коштам тухми муҳаббат,
То зи маҳҷурӣ нанолад,
Бо Ватан умре биболад.

## Марсияте дар марги бародар

Чи мебинӣ, чи меёбӣ, бародар,

Дар он манзил, ки з-он н-оянд дигар?

Миёни он дилони поку дилҷӯ
Магар осоише ёбад дили ту?

Дилат осояд аз ҳулбӯю райҳон
Ва ё озорадаш хори фаровон?

Дар ин раҳ аз кадомин ҷабру меҳнат
Гули обича дар дастат бирӯяд?

Чи сон озору меҳнатҳо бубинӣ,
Чи заҳматҳо дар он дунё бубинӣ?

Зи андӯҳу ғаму дарди ду дунё
Биосо, ҷовидон акнун биосо…

## Васфи замин

Ҳамехоҳам кунам васфи заминро,
Чи сон ёбам вале ҳарфи нагуфта?
Ба ёдам ояд авсофи шунида,
Ки боди вақт аз ёдам наруфта.

Шунидам ман, ки бо хашми зиёда
«Замини ман!» - ҳамегуфтанд мардум,
Ба танҳоӣ намуда ҳифз умре
Варо дар зери моҳу зери анҷум.

Шунидам ман: намоз овард бар он
Гаҳе мардум ба садҳо меҳрубонӣ:
«Замин, раззоқи насли одамӣ ту,
Ту моро гушнаву урён намонӣ».

Шунидам: дилгазон аз хоку афлок
Ба он карданд гаҳ ношукрии беш:
«Замино, баҳри моӣ модарандар,
Наӣ модар ба ин бемеҳрии хеш!»

Валекин беҳтарин ҳарф буд аз он кас,
Ки «аз ман» не, «замини мо» бигуфташ,
Касе «аз ман» бигуфто, зарраош гуфт,
«Зи мо» гуфташ касе, дунё бигуфташ.

## Пайванд

Гуфтам даме танҳо нишинам
Дар бешаи пурбору пурбар,
Аммо ба гирдам ҷамъ гаштанд
Садҳо дарахте чун бародар.

Таънам заданду ҷанг карданд,
То дар замин бошам заминӣ,
Гармам пазируфтанд беҳад,
Омехта расми қаринӣ.

Пешам ба ҳасратҳо заранге
Нолидаву дилро тиҳӣ кард.
Саф-саф дарахти пир вопас
То хона манро ҳамраҳӣ кард.

### Трактори нахустин

Ба уфқи шомгаҳ мерафт хуршед,
Ба саҳроҳои водӣ соя кишта…
Дари пуррози маъбад шуд кушода,
Аз он берун шуд овози «фаришта».

Ба гарду чанги деҳ бар деҳ даромад
Трактори нахуст – асбоби ташвиш,
Ба сӯи аспи фӯлодӣ давиданд
Фаромуш карда мардум тоати хеш.

Ба ҳасрат занги маъбад дошт фарёд…
Нахустин бор бо овои маъбад
Фаромуш карда буд мардум, ки бояд
Кулоҳи хешро аз сар бигирад.

### Хумор

Хумори асп мегирад диламро,
Хумори чашмҳои меҳрубонаш.
Савори асп мехоҳам кунам тай
Шабонгаҳ марғзори поку беғаш.

Накардам солҳое ман навозиш
Тани аспони тозиро саҳаргоҳ,
Ки ҳар ҷошон нишони раҳсипорӣ
Пайи ҳар тасмае тобад чу як роҳ.

Тамоми умр мегуфтам, ки бошам
Шабе то субҳдам дар хонаи зин,
Дами досе битобад аз тиреза,
Битобад марғзори поку рангин.

Вале монд аз хаёлам мисрае чанд
Кашишҳои лаҷому нолаи бод,
Хатакҳое зи саҳроҳои корам
Маро шуд сатрҳо дар шеъри озод.

Бишуд моро ҳақиқат довари дил,

Бишуд моро ҳам ӯ нони ҳалоле.
Бувад моро ба сӯи зиндагонӣ
Ду чашми пур зи андӯҳу саволе.

## Насли мо

Барои Алфонсас Малдонис

Медамад субҳ, то ки рӯз орад.
Одамӣ баҳри кор меояд.
Эй басо мо ба умр н-осудем,
То ки имрӯз умр осояд.

Қадри меҳри ҳақиқӣ фаҳмида,
Озмун карда қудрати нафрат,
Мо сазовор зиндагӣ кардем,
Ончуноне ки мардро бояд.

Баски фӯлод сахт подор аст,
Ҳарчи аз ӯст, мешавад подор.
Мову ту чун ду дасти як баданем,
Одамиро ду даст ояд кор.

Мо набудем бандаи эҳсос:
Интизорем тирамоҳи дил.
Кошки тай кунем то охир
Баҳри суди замона роҳи дил.

Бок не, сояе фитад бар дил,
Соя пайки ниҳони нур бувад.
Баски бе нур соя пайдо нест,
Баски соя нишони нур бувад.

## Ҷавонӣ

Накардам эҳтиётат аз баду нек,
Чу хушдоман арӯси хештанро.
Туро сӯзондам охир чун саманде,
Давонда бетанаффус рӯзу шабҳо.

Ҳар он чизе, ки дар аҳди ту дидам –
Майу танбокую милтиқу испор,
Канору бӯсаҳои бемуҳаббат,
Ҳама он меваи тақлиду такрор,

Ҳақиқат, ошиқӣ, меҳру хиёнат, -
Хуморе буду рафт аз дидаи тар.
Туро акнун чи сон аз сар бигирам
Пас аз он рӯзгори шӯхи бесар?

Чу барқе нобарориҳои аввал
Гузашт аз осмони қисмати мо,

Вале оташ назад моро ба сина,
Ки ҳоло беғамӣ буд одати мо.

Шитобе буд дар ҳар кор моро
Пайи донистани асрори дунё,
Дар ин дунё зи мо осорҳо монд,
Ба ҷони мо бимонд осори дунё.

## Сафедӣ

Шуд сафед он қадар ин даҳр аз ин барфи сафед,
Ки надонӣ ба куҷо буда ҳади хоку само,
Он қадар тозаву форам бишавад рӯи замин,
Дил бихоҳад зи фараҳ бол занад сӯи ҳаво.

Рӯи барф ин нафас аз шодии дил ғел занам,
Дил кушоям чу ба хуршед ба ҳар зарраи барф,
Бештар то дили испеди ман испед шавад,
Дил кушоям ба сад уммед ба ҳар зарраи барф.

## Барои Замин

Биандешам ҳаме, бо ту чи гӯям,
Чи сон бинмоямат як лаҳза ҳайрон,
Ки ту худ ҷумларо ҳайрон бидорӣ
Чу хуршеди бузурги поку сӯзон.

Чи сон бинмоямат ҳайрон, ки умре
Ту худ аз хуни инсон арғувонӣ,
Ки мемирӣ ба ҳарбузарб ҳар рӯз
Ва меёбӣ зи нав тавлиди сонӣ;

Ки дар худ кардаӣ умре таҷассум
Беҳин омолу уммеди барорам.
Чи сон? – Рӯзе бихобам дар канорат,
Туро аз ҷон гирифта дар канорам.

## Холаҳо

Ба ёдам холаҳои тифлиам оянд
Гаҳу ногаҳ, ки ман бишнидаам бисёр
Ба тифлӣ қиссаи пурҳикмати онҳо,
Маро он қиссаҳо бисёр омад кор.

Таҳи домонашон гаштем гаҳ пинҳон.
Ҳамеомад аз онҳо бӯи дилҷӯе.
Нахоҳад бурд меҳри холаҳо аз ёд
Ҳар он ки бурда аз одамгарӣ бӯе.

Ҳамон қанде, ки бар ман дода буд хола,
Зи қанди рӯи дунё буд ширинтар.

Шудам боло ҳамон дам аз сипоси беш
Ба рӯи зонуи он холаи дилбар.

Тахи домони ӯ гаштам гахе пинҳон,
Ниҳон карданд гаҳ бе посу бе пурсам,
Ки бигрезам зи ҷаҳлу хашми одамҳо,
Набошад аз касе ҷуз аз худо тарсам.

Шуморо, холаҳо, ман мунтазир ҳастам,
Таҳи домонатон пинҳон бигардам боз,
Ҳақо, буд он беҳин дунёи тифлиам,
Аз он ёбад ҷаҳони меҳри ман оғоз.

Маро панди шумо бар гӯш мемонад,
Хушам меояд аз ин ҳикмати дерин:
Набошад ҳеҷ гоҳе зиндагонӣ қанд,
Бувад ҳарчанд он аз қанд ҳам ширин.

Ҳамехоҳам шуморо бинам аз дигар,
Ки дунё бо шумо рангин бимонад боз.
Бигӯям: бо шумо ин зиндагӣ ҷовид
Набошад қанд ҳам, ширин бимонад боз.

Духтарони деҳ

Дағал дастону рӯшон бодхурда,
Бувад андомашон ҳам беназокат,
Набошанд ахтарони киноэкран,
Ҳама ҳастанд ахтарҳои заҳмат.

Накоҳад то яке гӯсолаву гов,
Бикоҳиданд ҳусни хеш бебок,
Ту гӯӣ, ҳуснашонро пок хурданд
Гаву гӯсолаҳо бо ему хошок.

Ҳамеоянд хаста бар лаби ҷӯ,
Ҳамешӯянд дасту пои худро.
Ҳамемоланд бар лаб ранг бо тарс,
Ки чашми модарон афтад мабодо.

Пас он, печида бар шоҳиву атлас,
Ҳама пеши клуби деҳ биёянд,
Ғами дилро ба ҳамдигар бигӯянд,
Дари дилро ба ҳамдигар кушоянд.

Садо бидҳад навои дилнавозе,
Фароз оянд бе даъват ба саҳна,
Миёни ҳамдигар бигрифта рақсанд,
Зи шавқи духтарӣ лабрез сина.

Ба худ печида дар болин ҳама шаб,
Ҳамебинанд шояд хоби зебо:

Ки мепоянд ҷои чорпоён
Ҷавонмардони бар худ лоиқеро…

## Хабарҳои охирин

Дар ғурубе
менишастам дар бари тирезаи боз,
беша омад пеши ман ногаҳ,
омаду ин нақл кард оғоз:
«Ин баҳорон солхурда сабдае дигар насабзид,
ёди неки ӯ бимонад
дар дили пурдарди мо ҷовид.
Динаяк харгӯши тарсу
даҳтаяк харгӯшча зоид.
Мурғаки ку-куи белона
боз афкандаст тухмашро
даруни лонаи мурғони бегона,
дарғазаб ҳастанд аз ин ҳушёру девона.
Ин саҳар гул кард сар то по малина,
яъне, ҳосил мешавад афзун –
ба гуфти ҳикмати машҳури дерина.»

Даррасид ин лаҳза дурроҷе мушавваш,
кард фарёди ҳазине аз дилу ҷигар:
«Кард пора кафтареро боз калхоти ситамгар!»

Дилҳазин,
тирезаро пӯшида,
мондам радиоро:
«Бишнавед акнун хабарҳоро!»

## Офтобаку чаковак

*Барои Алгимантас Балтакис*

Ҳарчанд ҳоло буда дер
то бар тулӯи офтоб,
бар пешвозаш ношикеб
бошад чаковак даршитоб.

Бо шӯр зоғон мешаванд
дар осмон шебу фароз,
хуршедро қаблан вале
гирад чаковак пешвоз.

## Субҳ

Субҳ,
Яъне, бозхези мардум аз хоб,
Бозхези мардумон –
Яъне, сари коре гирифтан.

Кор – яъне…
Чист дарвоқеъ варо маънӣ?

Чашм мепӯшам зи нури чашмбар:
Миллионҳо дастҳои коргар
Ин заминро мекунад ҳамболи хуршед.

Субҳ,
Яъне.
Нест ҳаргиз даҳр бемаънӣ.
Ман қасида баҳри шаб ҳаргиз нагуфтам,
Балки доим орзӯям буд –
Ин заминро ман кунам ҳаммаснади хуршед.
Беш аз ин –
Мехостам ман
Офтоби бекасу бечораи моро
Гарм бифшорам ба сина,
То кунам гармаш чу кӯдакҳо.

xxx

Мевапаз омад,
ба ҳар шохе
меваҳое боз эҳдо кард,
балки ҳамчун шоире хуршед
шаклу мазмунро ба ҳам овард.

Нону май ашъори хуршеданд,
Шеъри дилҷӯю самимона,
Меваҳо – ашъори рангинаш,
Сактае ёбӣ дар онҳо? На!

Ман бихоҳам ҳамчу бар хуршед
Кас ба ҳар мева расонад даст,
Қисматаш бинмуда бо ёрон,
Баҳра бардорад аз он вапас.

## Бахт

Бахт ҷустам нимаи шаб
худ ба худ, танҳо ба танҳо,
пойҳоям гашт хуншор
аз хасу хори алафҷо.

Дар ҷаҳони тор ларзид
з-ин садо ногаҳ вуҷудам:
«Ман, аз он рӯзе, ки будам,
аз касе танҳо набудам!»

## Ташнагӣ

Сар ба пас афкандаву менӯшам оё
осмонро, мурғаконрову шафақро?
Чарх мегардад сарам аз ҳисси форам,

Чарх мегардад замини ҷовидон ҳам,
сӯи ахтарҳо парида бо табу тоб…
Сархушам, аммо намегирам лаб аз об.

## Дасти нопок

Кафи хоке ба дасти хеш бигрифта,
Ҳамоно шуст дастони сафедашро,
Супориш додаву фармони бисёре,
Зи пушти мошинаш пас монд чанги роҳ.

Касе бо қаҳр гуфто аз қафои ӯ:
«Ба он дастони нозук ҳамчу дасти зан
Ту бояд даст шуста, пас бигирӣ хок,
На баъди хокро бар даст бигрифтан!»

## Дос

Чу осори замони баччагиам
Зи кунҷе ёфтам доси куҳанро,
Намуда будам андар дастаи он
Ба тифлӣ сабт номи хештанро.

Қадам мемондам аз пайроҳаи деҳ,
Ба китфам дос, бо фахри каму беш,
Ба нури офтобу ғурриши бод
Ниҳода синаи тифлонаи хеш.

Ниҳонӣ аз алам гаҳ мегиристам,
Ки мемондам ақиб аз ҳар даравгар,
Чу бегоҳӣ сари хон менишастем,
Будам бо дигарон ин ҷо баробар.

Сари ин хон шабе як ҷуръа майро
Чу нӯшидам ба умрам аввалин бор,
Ҳама хушҳол гардиданду гуфтанд:
«Бишуд дар деҳи мо як мард бисёр!»

Чу хобиданд мардум дар алафҷо,
Мани бесар, мани сарҳӯи бесар
Ба мисли баччаҳои шуми деҳа
Хазидам ҷониби ҳамсоядухтар.

Бари рӯям бисӯзад то ба ҳоло
Зи зарби панҷаи дилдори дӯшам,
Ки сӯям дод зад бо қаҳр: «Фисин!»
Садо бидҳад ҳаме он бехи гӯшам.

… Чу осори замони баччагиам
Зи кунҷе ёфтам доси куҳанро,
Зи нав дар ҷилва дидам пеши чашмам

Замони баччагии хештанро.

Ба сӯи мазрае гаштам равона,
Ки буд афкандаву пурхору хас буд,
Ба доси куҳна аз ин марзи куҳна
Дурудан лаҳзае бозам ҳавас буд.

## Худоён

Худоён ҳам мисоли одамонанд:
Чу одамҳо баақлу меҳрубонаш
Ба Азроил диҳад барвақт ҷонаш,
Намесозад вале маккору золим
Ба зудӣ ҷони худ бар марг таслим.

## Дуо

Ба худ оштинопазире манам,
Чунин нестам балки бо душманам.
Аё оштинопазирӣ, бимон
Чу як ахтаре бар сарам ҷовидон.
Маро кун ҳимоят зи ман то абад,
Намон ман шавам хештанхоҳу бад.
Чу гулхан маро бахш анвори пок,
Чу хомӯш гаштам, намо зери хок!

## Порае тарҷумаи ҳол

Ба дунё омадам фасли баҳорон,
Баҳорон буду салқин буд ҳоло,
Катам бар сандалӣ мекард такя,
Ки бошам рӯзу шаб фориғ зи сармо.

Муқаддас номаро бикшод шодон
Падар бо фоли нек аз рӯи фарзанд,
Бароям номи лоиқ ҷуст аз он,
Ки будам аввалин фарзанди ӯ ман:

«Ҳалолат бод номи нек, аммо
Наяст имрӯз фоли нек, афсӯс,
Дар ин ҷо зикр бинмуда паямбар –
Радифи рӯзи маҳшар буда имрӯз.»

Ба дӯши хештан дорам ҳама умр
Ман он бори гуноҳи рӯзи бадфол,
Паи таъбир пешам корд монданд,
Паяш дар биниам мондаст то ҳол.

Фитодам гоҳ сарзер аз бухорӣ,
Сарам гаҳ мекафиду гоҳ поям,
Дуо мехонд модар бар сари ман:

«Чи шум аст ин, мадад бинмо, худоям!»

шикасте буд ҳар як рӯзи умрам.
Ба ҳини ғаллакӯбӣ даври хирман
Яке дастам ба чанги мошине монд,
Ҳамоно орд шуд ду лелаки ман.

Чи тадбире маро бар рағми тақдир?
Илоҷе нест, мегуфтам, аз ин ҳол,
Аз он чизе маро бар сар биёяд,
Китоб аз тифлиам бикшода буд фол.

Лагад зад асп ҳам якчанд борам,
Бихӯрдам зарбаҳо бар рӯю бар сар,
Ки ҳар як рӯзи умри ман ба дунё
Бароям буд гӯё рӯзи маҳшар.

Ҳамехоҳам зи ёронам, ки гиранд
Ба ёди хеш доим қисмати ман:
Ба ман надҳанд ҳаргиз чизи тезе,
Ки мебошанд аз он ҷумла майу зан!

## Номаҳоят

Бошанд маро ду чашми хобангезат
Ду номаи маҳамонаи некӯфол,
Дурӣ зи ману барои ман нома кунӣ
Аз олами сеҳрпарвари хобу хаёл.

Шах гаштааму зи ҷо намеҷунбам ман,
Тарсам зи гусастани хаёлоти хушат.
Дар хобаму пайваста ба ёдам бошад:
Бояд шавам интизор бо ёди хушат.

Бояд шавам интизори ду номайи ту –
Чашмони хуморовари пурмайи ту.

Бикшоӣ ду чашми хешро субҳгаҳон, -
Ҳар субҳ ба ман ду номае биспорӣ,
«Дар хоби хушам ҳамеша бо ту будам» -
Гӯӣ ту маро ба эътиқоду ёрӣ.

Бошанд маро ду чашми хобангезат
Ду номаи маҳрамонаи некӯфол,
Дурӣ зи ману барои ман нома кунӣ
Аз олами сеҳрпарвари хобу хаёл.

## Бӯрон

Зи бори барф боме мезанад хам,
Тамоми рӯз бӯрон асту бӯрон.
Миёни пардаи шаб шаҳр акнун

Ба тарҳи хирае гардад намоён.

Чи боке, гар чу бӯрон қисмати мо
Кашад моро ба ҳар сӯ мисли соя,
Чу ҷузви бахт дастони базебат
Ба рӯи синаам бошад, кифоя…

Ҷаҳон испед зери шоли барф аст,
Аҷаб барфи фаровон!
Бод!
Бӯрон!
Мани бемори ту аммо ҳама шаб
Ҳамегӯям зи сӯзи ишқ ҳазён.

## Хоб

Хоб дидам, ки рафтаӣ зи ҷаҳон,
Занги маъбад, хаёлам, афғон кард,
Мурд ногаҳ чароғу шуд торик,
Тирагиам ҳазин дилу ҷон кард.

Ман саропой оҳу нола шудам,
Бар лабу дар дилам паёми вафо,
Он паёми вафо барои ту буд,
Дер шуд,
Шуд паём дар лабам оҳ.

Бори ҳастӣ маро зи пой афканд,
«Бори ишқ аст» - гуфтӣ, эй дилбар.
Кардам эҳсос – бори ишқи ту
Баъд аз он шуд дучанд вазнинтар.

x x x

Чи сон дигар шавам ман садди роҳат,
Ту акнун бо манӣ аз рӯи одат.
Чу ғофил аз ғами ман мезанӣ бол,
Бирезад ханда аз қалби кушодат.
Чи ханда – пайки иқболу дили соф,
Чаро набвад зи ман ин бахти воло? -
Дареғо, хандаҳои беғашам гум
Намуда ин замон роҳи диламро.

Само бо синаи софаш замоне
Ҳамеафшонд ахтар бар сари ман,
Ҳаметарсам ба рӯяш бинам акнун:
Мабод афтода бошад ахтари ман.

Ба ҳам печида ёду хотиротам
Аз он айёми некам ёдгор аст,
Ҳазинам, баски ин дам қисмат аз ман

Ҷавоби неку бадро интизор аст.

Самои ахтаристон бори дигар
Кушоду шод созад гар диламро,
Ман он ман не, шавам солор дигар,
Ки айёми ҷавонӣ рафта кайҳо.

х х х

Гўё ки набуд ҳеҷ гоҳе шаби тор,
Бархостаму яке баромад офтоб.
Ҳар кори баду ҳар амали нофорам,
К-имрўз ба ман намуд рў, буд ба хоб.

Ҳар як ғаму андўҳи дилу ҷонатро
Чун пираҳани танги худ аз тан бификан.
Чун ҷну тани ту ҳар нафас афзояд,
Пироҳани танг нест ҷуз коҳиши тан.

Афсонаи хобҳои деринаи ту
Шояд бизанад рўй дар ин субҳи сафо,
Шояд бишавад гарм замин баъд аз ин
Аз оташи ишқи поки ду хонахудо.

Шояд ки дар ин субҳи муборак бишавад
Афсонаи хобҳои ширин бедор,
Шояд пас аз ин субҳи муборак умре
Ман бар ту намоз ораму ту – бар мани зор.

Поиз

Ҳама шаб то саҳар нолид бўрон,
Ҳама шаб то саҳар хобам наомад.
Ба дасту пои шоху навдаҳояш
Заранге даст мезад, пой мезад.

Алайҳи бод ў то субҳ ҷангид…
Саҳар ман гирд овардам дар айвон
Зи чанги бодҳо як баргдаста,
Саросар баргҳои сарду беҷон,

Ки ҳар як дошт бўи зиндагонӣ,
Ҳанўз ин бўй аз онон нарафта.
Зи ёдам рафт боде, к-аз сари ҷаҳл
Вазиду баргҳоро бурд руфта.

Яке ошуфта шуд ёду хаёлам
Зи идбори зарангу баргҳояш –
Зи мому тифлакони зери пояш…

## Эълоне дар шомнома

Ҳар ки хоҳад бофароғат
театру кино равад,
метавонад кӯдаконашро бимонад пеши ман.
Дар дилам он қадр афсона шуда ғун,
ки калонсолон
маро дигар намефаҳманд.

## 1 сентябр

Пеши дар истодааст ӯ:
пӯпакони нилӣ дар мӯяш,
дар кафаш гулҳои хушбӯяш,
сумкааш нав
в-андар он
як китоби эй басо ҷиддӣ –
«Алифбо»;
боз дар он чанд дафтар,
рангу бӯи рангро ҳоло надида,
тозаву озода –
гирумони кӯдакро надида.

«Нӯш чоятро, - ҳамегӯям, - ки вақт аст»,
ӯ вале исрор дорад:
«Мешавад дер».
Мо набояд дер монем!
Медавем аз ин сабаб бе ҳеҷ таъхир.

Ӯ калон мегӯяд акнун хештанро,
ӯ калон мегирад акнун хештанро.
Пӯпакаш чун боли парвоз аст ӯро.
Ӯ кунун парвоз дорад,
роҳи хеш оғоз дорад.
«Айб!» - мегӯяд,
намегирад дигар ӯ дасти манро.

Ман надорам пӯпак,
яъне, боли парвоз,
ман намепаррам аз ин рӯ –
роҳ мегардам.
Дар чунин рӯзон падарҳо ашк мерезанд.
ростӣ, ман ҳам каме ғамгину пурдардам:
дар куҷо афкандаам, дардо,
пӯпаки нилии худро?

Ноаён,
аз хеш ҳам пинҳон,
мерасонам даст бар он.
Духтарам дарҳол мешӯрад
ва мегӯяд хавотир:

«Мекунӣ афсурдааш, охир!»

Мешавам ман сурх аз шарм,
дасти худро мегурезонам ва мегӯям:
«Пӯпак… нозук…
дар ҳақиқат, пӯпак нозук…
даст-дасташ гар кунад ҳар кас…»

Ростӣ, ин дам каме ғамгину пурдардам.
шуд тасаллоям, ки пеш аз рафтан аз хона
зочаҳоро ногаҳон дидам,
зочаҳоеро, ки дар як кунҷ
хоб буданд андаруни чангу хок.

Метавонам ман тасаллӣ ёфт,
метавонам гашт ором.
Войи онҳо лек –
баъд аз ин
зиндагишон шуд тамом.

## КАШФИ АМРИКО

### 1. Савти Гарлем

Эй ҳокимони савтҳо,
Созандагони созҳо,
Рақсед бехешу гарон
Дар панҷаи овозҳо!

Ҷӯшад ба рагҳо хуни гарм
Аз ҷӯшиши созу суруд.
Тағйир ёбад номҳо,
Рақс аст лек оне, ки буд.

Аз зарби гарми пойкӯб
Гарм аст зери по замин.
Гардид тахминҳо аниқ,
Буд ҳар гумоне, шуд яқин.

Талвосаи молу манол
Кардаст ҷои рақс танг.
Рақс аст рӯҳи зиндагӣ,
Ҳам рӯҳи шуми муштҷанг.

Чун заррае бар заррае
Бо ҳам бичаспад молу чиз,
Қатъӣ ҳуҷум,
Қатъӣ ҳуҷум
Бар душмани бад – молу чиз!

Аз ҳар чи гардонед рӯ,
Оред рӯ бар савту соз.

То бо шумо рақсад замин
Дар зери савти дилнавоз!

## 2. Дейви дар сари даст

Бигирам рӯзи фардоро сари даст,
Сари дастон чу гирам кӯдаконро.
Ҳамин Дейвии ҳоло чорсола
Яке марди ватандор аст фардо.

Барои ӯ бувад бефарқ ҳоло,
Ки дорад гирудор олам ба ҳар сӯ.
Кунем оғоз ҷанги хонагиро
Ману ӯ дар ҷаҳони беғаши ӯ.

Чи ҷанге –
Ҷанги бе тиру камоне…
Кашид аз ҷанг Дейви ногаҳон даст,
Бишуд аз ҷанг дилгир ӯ,
Баромад
Сари зонуи ман,
Шодона биншаст.

Ғуруби меҳрро бо ҳам бубинем,
Ба ҳам бинем бо ҳам бурдае нон,
Биҷӯшад хуни гарм андар раги мо,
На оби сарди ҷӯ,
На оби борон.

Бувад ӯ тифл,
Бефарқ аст ҳоло,
Ки бошад кори бесар ҷангу ҷанҷол,
Ки ҷангида ману ӯ лаҳзае пеш,
Кунун шинем бо ҳам шоду хушҳол.

## 3. Кашфи Амрико

Хамӯш -
Хуфтаст Дейви.

Кураи тифлонаи арзаш
Мадори синаамро гарм медорад.
Замини ман,
Чи сон хурду сабук ҳастӣ!

Хамӯш -
Хуфтаст Дейви.

Чу он маллоҳи аз ҷон сери Колумб
Ба рӯи киштии аз бод ларзон
Ба шодӣ дод мегӯям:

«Замин, ёрон!
Ҳамебинам заминро, эй азизон!..»

Хамӯш -
Хуфтаст Дейви.

Кунун хам гаштаву бо шавқ соҳилро ҳамебӯсам,
Заминеро, ки буд андар канори ман,
Ба соҳибҳои хубаш –
Волидайнаш медиҳам аз нав.

Хамӯш -
Хуфтаст Дейви.

Бабахту бобароре будаам, ҳошо:
Намудам кашфи Амрико.

## Ҳоло ки кӯдакон хобанд

Бигӯям бо шумо:
Ҳоло ки кӯдакон бедор нашудаанд,
таъҷилан худ камол биёбед,
ки аз рӯзҳо
чун аз хиштҳо
қалъаҳои пурафсуне бапо бисозед
ва биншонед андар онҳо дарахтоне,
ки меваҳои заррини маърифат доранд
ва лонаи лаклакон устувор бикунед
ҳамчун парвозгаҳе бар он.

Ҳоло ки кӯдакон бедор нашудаанд,
таъҷилан
мурғи рамандаи орзӯи кӯдаконро
ром бикунед;
бикушоед дарҳоро,
во бикунед дарвозаҳоро;
саркӯб бисозед мори ҷаҳолату разолатро,
ҳоло ки кӯдакон варо надидаанд,
ҳоло ки кӯдакон хобанд.